$Rem_{t-1}$ - денежные переводы предыдущего года;

$Rem$ - денежные переводы;

$$Rem = 454.500 + 0{,}801 * Rem_{t-1}$$

На основе полученных расчётных данных составлена приведённая диаграмма 1 и было прогнозировано объем денежных переводов трудовых мигрантами Республики Таджикистан на среднесрочном периоде 2020-2025гг. Диаграмма показывает, что расчетные данные с фактическими данными имеют небольшое отклонение.




Диаграмма 1. Прогнозирование денежные переводы трудовых мигрантов в Республики Таджикистан до 2025г. (млрд. доллар США)*

**Источник: составлено автором.*

Из диаграммы видно, что объем денежные переводы в Республики Таджикистан всегда изменится по причины и влияние различных факторов, которые в последние годы возникло в мировом хозяйстве. Фактические данные диаграмма показывает, что на период 2020-2025гг. объем денежных переводов трудовых мигрантов республики ежегодно увеличивается и составляет 1,4%. По этому методу были прогнозированы и денежные переводы мигрантов до 2023 года. Показатели могут изменяться при возникновении новых факторов.

В Республике Таджикистан, как уже было отмечено, существует три компонента рынка труда: первый компонент – это официальная занятость; второй - занятость в неформальном секторе экономике; третий компонент - трудовая миграция (в значительной степени неформальная и неконтролируемая), или как принято называть - занятость населения в условиях мобильности.

Автор указывает, что в диссертационном исследовании приведены модели интеграция, имеющие важное значения при изучении мобильности трудовых ресурсов. Все три приведенные модели отражают опыт европейской интеграционной политики в части мобильности трудовых ресурсов. На наш взгляд, для построения оптимальной модели в условиях Таджикистана необходимо учесть такие факторы как регулирование со стороны государства и общества миграционных процессов во всех его аспектах (культурно – правовом, социально-экономическом, образовательном). Решение такого подхода позволил бы трудовым ресурсом беспрепятственно перемещаться и тем самым регулировать самозанятость. В зонах, где формируются миграционные потоки, где первостепенными являются элементарные социальные права, где проблема занятости является приоритетной, не существует политики культурного и национального различия. Попытка изучения вопроса мобильности позволит говорить о конкретных эффектах миграции в различных зонах, где миграционный поток сталь значим, как и интеграция.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

### *А) Основные научные результаты диссертации*

1. Мобильность трудовых ресурсов, как инструмент рыночного механизма, способствует повышению эффективного распределения работников в различных секторах, отраслях экономики и на предприятиях. Она проявляется в высокой работоспособности, психологической готовности к перемене, умению адаптироваться в любых условиях жизнедеятельности. Мобильность, как выражение трудовой активности способна интегрироваться и адаптироваться в новых условиях. Рабочая сила, реализуя себя как товар, в конечном итоге, готова возвратиться в свою прежнюю привычную обитель для соблюдения, годами привитых национальных традиций и обычаев [1-А; 8-А].

2. Мобильность населения - это инструмент рыночного механизма и от того насколько он будет совершенен, имеется в виду его индекс (т.е. отношение степени перемещения трудовых ресурсов к степени подготовки трудоспособного населения), тем выше организованная трудовая миграция. Разница между международной миграцией и мобильностью заключается в том, что международная миграция трудовых ресурсов-это стихийное перемещение людей через границы определенных территорий со сменой постоянного места жительства, как в силу политических или социальных причин, так и в целях поиска работы, а трудовая мобильность - это процесс морально-психологической, квалификационной, организованно подготовки трудовых индивидов к передвижению, на основе организованной государственной поддержки, на более прогрессивные участки производства [10-А; 11-А].

3. В диссертации обоснована мобильность трудовых ресурсов, которая характеризируется как саморегулирующая занятость, а недоиспользованная рабочая сила усиливает мобильность трудовых ресурсов в условиях рыночной экономики и представляет собой объективную реальность, выполняющую

функцию регулирования рынка труда, как субъекта и объекта экономики. Причина нестабильности современного рынка труда в Республике Таджикистан кроется в недостаточном обеспечении рабочими местами, недостаточной профессиональной и образовательной подготовленностью, развития человеческого капитала для создания конкуренции на рынке труда. Отсюда вытекает необходимость институциональных реформ [1-А; 2-А].

4. Рынок труда подвержен эволюционному изменению, т.е. развивается на основе реформ рынка труда в Республике Таджикистан, вызванных объективной необходимостью развития мировой экономики, менталитет населения постепенно меняется на частный интерес, приспосабливаясь к рыночным отношениям, т.е. трудовой ресурс ищет более рациональные решения в получение дохода [11-А; 13-А].

5. В условиях стихийной мобильности, работники заняты в основном не квалифицированным трудом и это ведёт к экономическим потерям. Поэтому, так важна системный рынок труда, где происходит постоянная подготовка и переподготовка кадров. В Таджикистане неквалифицированная рабочая сила стала более мобильной и адаптирована к новым условиям. Исследования показывают, что сконцентрированная на Российском рынке труда рабочая сила нуждается в образовании и профессиональной подготовке [2-А; 9-А].

6. Периодизация мобильности рынка труда позволила определить исторический характер, его постоянство, неизбежность и системность, влияющих на экономическое развитие и экономический рост. В Таджикистане механизмы рынка труда характеризуются: спросом и предложением рабочей силы, как на местном рынке труда, так и на международном; обеспечение конкуренции между участниками рынка труда, исходя из потребностей в трудовых ресурсах отраслей экономики как в своей стране, так и в специалистах для зарубежных стран; содействие государства в регулировании как внутренней, так и внешней миграции, путём организации обучения и подготовки квалифицированных кадров для полной экономически эффективной занятости населения [8-А; 9-А; 10-А].

7. На функционирование рынка труда оказывает влияние наличие резерва рабочей силы, т.е. та часть трудовых ресурсов, которая временно не участвует в процессе купли-продажи рабочей силы в силу разных обстоятельств. Резервы рабочей силы в целом по Таджикистану, из-за недоиспользованности, формируются за счёт не занятых в сфере экономики трудовых ресурсов по причине отсутствия покупателей на труд. При этом они обеспечены мизерным трудовым пособием за счёт государства [3-А; 5-А; 7-А].

8. Исходя из проведённого исследования в области развития рынка труда и ее связи с мобильности трудовых ресурсов, автором определено категориальное понятие рынка труда и мобильности населения страны. Категория трудовых отношений формируется заключением трудового договора между работодателем и работником, стимулы и интересы проявляться через организацию повышения квалификации, обмена опытом с другими организациями при активной государственной поддержке. Акцент делается на

заинтересованность, при привлечение необходимых работников, путём материального и морального стимулирования их труда. Строить трудовые отношения намного эффективнее, чем приобретение дешевой рабочей силы. Такой процесс требует определенной подготовленности нанимателя, способного управлять кадровым потенциалом и регулирования ими и самое главное, не требует материальных затрат на подготовку кадров [4-А; 6-А; 11-А].

### *Б) Рекомендации по практическому использованию результатов*

1. Процесс реформирования рынка труда в Таджикистане остается неизменным, так как продолжается процесс становления и формирование рыночной экономике. Вопрос продолжительности становления зависит от того насколько обоснованы предпосылки – законодательно правовые акты, принятие различных социальных программ и других форм рыночных основ. Инвестиции в человеческий капитал, повышение производительности труда и создание новых рабочих мест, а также ускорение переход на более устойчивый инновационный рост экономики страны, разработка новой, стратегически выверенной политики национальной программы регулирования трудовых отношений рабочей силы, позволит оптимизировать новые подходы и механизмы регулирования трудового потенциала на долгую перспективу, сокращению бедности и безработицы, решению вопросов подготовки, переподготовки кадров, а также увеличение доходов семьи и государства в целом.

2. Перемещение рабочей силы является неотъемлемой частью современной экономики Республики Таджикистан. Трудовые ресурсы являются одним из основных форм национального богатства Таджикистана и благодаря их эффективному использованию можно добиться качественного и количественного роста экономики, на основе регулирования механизма рынка труда. Важнейшим компонентом рынка труда является механизм его функционирования. Исходя из особенностей рынка труда в Таджикистане необходимо дальнейшее исследование совершенствования механизма рынка труда. Разработка новой, стратегически выверенной политики национальной программы регулирования трудовых отношений рабочей силы, позволит оптимизировать новые подходы и механизмы регулирования трудового потенциала на долгую перспективу, сокращению бедности и безработицы, решению вопросов подготовки, переподготовки кадров, а также увеличение доходов семьи и государства в целом.

3. В целях совершенствования механизмов рынка труда и основного его инструмента - мобильности трудовых ресурсов, на наш взгляд необходимо: создание инфраструктуры и межгосударственных отношений, охватывающих макро- и микроэкономическое регулирование; организацию деятельности производственных и непроизводственных структур в части работы с кадрами; государственное регулирование системой органов и служб, обеспечивающих согласование интересов контрагентов рынка труда.

4. В диссертации также обоснованы предложения по обеспечению рабочими местами, за счёт организации государственных бирж труда как составной части рынка труда из числа вакансий, как на действующих, так и на вновь вводимых в действие трудоёмких производств; вменить в обязанность кадровых служб государственных учреждений, негосударственных структур, содействие в обеспечение занятости трудоспособного населения, внести предложения по обновлению нормативно-правовой базы, обеспечивающая эффективное взаимодействие между образовательными учреждениями и производством по обеспечению рабочими местами выпускников; совершенствовать механизм труда Таджикистана за счёт регулировании главных функции её инфраструктуры: спрос на незанятых; оптимизации отношений между работодателями (внутренних и внешних) и работниками, решении социальных проблем, регулировании социально-трудовых конфликтов на основе коллективных договоров; введение единого реестра занятых по профессиям и квалификациям, учёта перемещения трудовых ресурсов как внутренних и особенно внешних.

## СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ РАБОТ:

**А) публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А]. Гадоев А.Дж. Тенденции развития трудовой миграции и мобильности трудовых ресурсов Республики Таджикистан в условиях Covid-19: основные проблемы и пути решения// Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан// «Экономика Таджикистана» *(научный журнал)* /1.2022/ ISSN 2310 – 3957. - С. 125-134. (0,56 п.л.)

[2-А]. Гадоев А.Дж. Современные состояние и влияющие факторы на процесс миграции и мобильности трудовых ресурсов Республики Таджикистан // Вестник Технологического университета Таджикистана. №4(47) 2021. Душанбе 2021.-С. 177-185. (0,56 п.л.).

[3-А]. Гадоев А.Дж. Влияние денежных переводов трудовых мигрантов на развитие национальной экономики Республики Таджикистан // Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. «Таджикистан и современный мир», №4 (72). 2020. *(научный журнал)* ISSN 2075-9584. - С. 222-234. (0,75 п.л.).

[4-А]. Гадоев А.Дж. Теоретические особенности рынка труда и трудовых отношений Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального Университета *(научный журнал).* Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. №7 ISSN 2413-5151. - С. 56-64. (0,56 п.л.).

[5-А]. Гадоев А.Дж. Особенности экономического развития регионов Таджикистана в аспекте миграционных процессов и денежных переводов // Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан// «Экономика Таджикистана» *(научный журнал)* /4.2017/ ISSN 2310 – 3957. - С. 167-173. (0,44 п.л.).

[6-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Методологические аспекты изучения региональной экономики: анализ зарубежной литературы // Вестник Таджикского национального Университета *(научный журнал).* Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. №2/4, Часть 1., ISSN 2413 – 5151. - С. 179-184. (0,38 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,19 п.л.).

[7-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Влияние развитие региональной экономики на динамику трудовой миграции Республики Таджикистан // Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. «Таджикистан и современный мир», №6. 2016г. (научный журнал) ISSN 2075-9584. - С. 334-343. (0,63 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,32 п.л.).

**Б) публикации в других научных изданиях:**

[8-А]. Гадоев А.Дж. Мобильность рабочей силы как основной механизм развития рынка труда // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вопросы эффективного обеспечения взаимосвязи науки и производство», ТУТ (20-21 ноября 2020г) Часть 2. - С. 23-30. (0,5 п.л.).

[9-А]. Гадоев А.Дж. Социально-экономические влияния трудовой мобильность и денежные переводы на рынке труда Республики Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан »/Институт туризма, предпринимательства и сервиса Республики Таджикистан – 31 октября 2020г. - С. 263-270. (0,5 п.л.).

[10-А]. Гадоев А.Дж. Трудовая мобильность, как фактор формирования предложения на рынке труда Республики Таджикистана // Международная заочная научно-практическая конференция на тему «Инвестиционная безопасность: гарантия развития бизнеса в регионах Республики Таджикистан», Центр стратегических исследование при Президенте Республики Таджикистан, 20 ноября 2020г. - С. 96-107. (0,75 п.л.).

[11-А]. Гадоев А.Дж. Структурные изменения рынка труда в условиях мобильности трудовых ресурсов (мобильности в Республики Таджикистан) // Вестник Технологического университета Таджикистана. №1(40) 2020. Душанбе 2020. - С. 88-100. (0,8 п.л.).

[12-А]. Гадоев А.Дж. Международная миграция РТ и его влияние на макроэкономическое изменение в условиях кризиса // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Обеспечение импортозамещающей отечественной продукции в условиях устойчивого развития Республики Таджикистан в сотрудничестве со странами Средней Азии», ТУТ (29-30 ноября 2019 года) Часть 2. - С. 29-35. (0,44 п.л.).

[13-А]. Гадоев А.Дж. Рынок труда: содержание и формы проявления рынка труда в современных условиях // Вестник Технологического университета Таджикистана. №4(36) 2019. - С. 99-106. (0,5 п.л.).

[14-А]. Гадоев А.Дж. Влияние трудовой миграции на социально-экономические положение регионов Республики Таджикистан // Материалы

республиканской научно-практической конференции на тему «Наука и техники для устойчивого развития», ТУТ (28 апреля 2018г) Часть 2. С. 31-37. (0,44 п.л.).

[15-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р., Сафаров М. Денежные переводы трудовых мигрантов Республики Таджикистан в свете социологических исследований // Материалы научно-практической республиканской конференции на тему «Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан» /НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, – 22 июня 2018г. - С. 189-196. (0,5 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,16 п.л.).

[16-А]. Гадоев А.Дж. Теоретический подход к проблеме изучения возращения мигрантов, ее причины и следствия // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вклад молодых учёных в инновационное развитие Республики Таджикистан» (28-29 – апреля 2017)., /Технологический университет Таджикистана /Душанбе «Бахманруд» 2017. - С. 98-107. (0,63 п.л.).

[17-А]. Гадоев А.Дж. Влияние финансового кризиса и миграционные процессы Республики Таджикистан // Материалы научно-практической республиканской конференции, посвящённой году молодёжи (12 декабря 2017г.) НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, Душанбе «Ирфон», 2017. - С. 99-103. (0,3 п.л.).

[18-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Теоретические аспекты регионального анализа в аспекте влияние денежных переводов на уровне жизни населения в условиях финансового кризиса в Республики Таджикистан // Материалы научно-практической республиканской конференции, посвящённой году молодёжи (12 декабря 2017г.) НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, Душанбе «Ирфон», 2017 - С. 36-44. (0,56 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,28 п.л.).

[19-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Проблемы возвращения мигрантов в Республике Таджикистан: теоретический аспект // Материалы республиканской научно-практической конференции «Социально-трудовые проблемы воспроизводство человеческого капитала в национальной экономической системе Таджикистана в период независимости» (28-29 октября 2016г.) ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения, Душанбе – 2016г. - С.78-89. (0,75 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,37 п.л.).

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ПАЖӮҲИШГОҲИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ»**

СУД 331.5+331.101.26(575.3) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ГАДОЕВ АМИРШО ҶУРАХОНОВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МЕХАНИЗМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ҲАРАКАТНОКИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**Душанбе-2022**

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна,**
доктор илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Амонова Дилбар Субҳоновна**,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 17 сентябри соли 2022, соати $12^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.ddtt.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат ______ июли соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити муносибатҳои бозорӣ таҳқиқоти бозори меҳнат зарур мебошад ва суботи макроиқтисодӣ бошад, яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъсиррасон ба некуаҳволии аҳолӣ ба шумор меравад. Ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ, ки солҳои охир пурзӯр шудааст, барои равиши нави ҳалли масъалаҳои ташаккули бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ, на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои ҷаҳон асос гардидааст, ки аҳамияти мавзӯи интихобгардидаро таъкид менамояд. Бозори меҳнат муносибати маҷмӯии иштироки аҳолиро дар фаъолияти меҳнатӣ инъикос мекунад ва аз ин нуқтаи назар, шуғли аҳолӣ ҳамчун ҷанбаи муҳимтарини тавсифи бозори меҳнат баромад мекунад ва аз ин рӯ, танзими раванди мазкур аз тарафи давлат зарур мебошад. Функсияи самарабахши бозори меҳнат ташкили шароити иҷтимоию иқтисодиро аз нуқтаи назари шароити ҳуқуқии илман асоснокшудаи амалкарди бозор дар назар дорад, ки имконоти ҷобаҷошавии фазоии захираҳои меҳнатиро дар ҷустуҷӯи шароити беҳтари корӣ ва талоши баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ тақвият медиҳад.

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ проблемаҳои шуғли аҳолиро тезутунд намуд. Илова бар ин, проблемаҳои нави марбут бо пайдоиши муносибатҳои меҳнатии дигаргуна, шаклҳои нави шуғли аҳолӣ, эътироф гардидани шуғли ғайрирасмӣ, ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ падид омаданд. Дар шароити кунунӣ муносибати нав ба омӯзиши ин масъала тақозо мегардад. Ин ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам донишҳои андухташуда дар соҳаи бозори меҳнат ва бекорӣ, шуғли аҳолӣ дар давраи ба даст омадани истиқлолияти кишварамон дахл дорад. Бозори меҳнати ҷумҳурӣ дар вазъияти мураккаби иқтисодӣ ташаккул ёфтааст ва раванди мазкур ҳоло идома дорад. Таҷрибаи танзими давлатӣ аз бисёр ҷиҳат ба таҷрибаи хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ асос ёфтааст. Ҷиҳати асосии танзими давлатии бозори меҳнат ва шароити муайянкунандаи шуғли аҳолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ мебошад, ки таҷрибаи кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдкарда аз ин шаҳодат медиҳад.

Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ба 9506,3 ҳазор нафар расида буд. Аз ҷумла, 5625 ҳазор нафар ё 59,2% онро захираҳои меҳнатӣ ташкил намуданд ва қувваи кории пурра истифоданашаванда 3068 ҳазор нафар ё 54,5% захираҳои меҳнатиро дар бар мегирифт. Дар давраи таҳқиқоти мазкур (солҳои 2011-2020) афзоиши қувваи кории пурра исифоданашаванда ба мушоҳида мерасид ва агар дар соли 2011 он 50,6% -ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 - 54,5%,-ро ташкил намуд, ки 3,9% афзоиш доштааст[5]. Чунин тамоюли устувор ба фаъолшавии муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии аҳолии қобили меҳнати махсусан, деҳот боис мегардад, ки ба ҳамин шиддатро дар

---

[5] Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ /маҷмӯаи оморӣ, Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.– С.37., С.132-133.

бозори меҳнат пурзӯр менамояд. Чунин вазъият на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми фазои пасошӯравӣ эҳсос мегардад.

Ҳамгунии соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, мавсимӣ будани меҳнат ба сатҳи даромадҳо, музди меҳнат, рушди ғайрикофии инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокии тиҷорати хурду миёна таъсир мерасонад. Ҳамаи омилҳои номбаршуда, муҳоҷирати оммавии захираҳои меҳнатиро пурзӯр намуда, ҳаракатнокии меҳнатро баланд мебардорад. Ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ таъсири баракс ҳам дорад. Асосан, муҳоҷирони меҳнатии кишвари мо дар кишварҳои хориҷӣ ба чунин корҳое машғул мешаванд, ки дар байни аҳолии маҳаллӣ талабот надорад, яъне, каммузд мебошанд, тахассуси баландро талаб намекунанд, дар давраи буҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва молиявӣ бошад, муҳоҷири меҳнатӣ маҷбур аст фаъолияти меҳнатиашро қатъ намуда, ба ватани худ баргардад. Ҳамаи ин омилҳо шиддатнокиро дар бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият медиҳанд. Муҳоҷирони ба ватан баргашта бо проблемаҳои анъанавии шуғл ҷустуҷӯи кори бо тахассуси онҳо мувофиқбуда барои таъмини ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аммо ҷиҳатҳои мусбатро низ бояд қайд кард, як гурӯҳи муайяни захираҳои кории баргашта, бо таҷриба, донишҳо, малакаҳо, тахассус, тағйирёбии зеҳният, одат ва анъанаҳо фарқ мекунанд ва ин албатта, беасар нест ва дар онҳо гуногунфарҳангиро ташкил медиҳад. Аксари муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта мекӯшанд, ки ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон саҳмгузорӣ кунанд, аммо бо проблемаҳои зиёди мутобиқшавӣ дучор меоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти проблемаи мазкур мо ба хулоса омадем, ки масъалаҳои ташкил ва рушди механизми бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисоди бозорӣ аз тарафи донишмандони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд ва ҳалли минбаъдаи худро тақозо доранд. Бисёр «доғҳои сафед», алахусус, дар соҳаи назарияи иқтисодӣ ва механизми танзими бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ мавҷуданд.

Дар пажӯҳишҳои ба бозори меҳнат бахшидашуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба меъёрҳои макроиқтисодӣ, танқиди низомҳои қаблӣ, аз ҷумла, номутобиқатии низоми бозори меҳнат ва мутобиқсозии он ба механизмҳои танзимшаванда дода мешуд. Ҳамзамон, проблемаҳои ташаккул ва рушди механизмҳои бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ аз ҳамдигар ҷудонопазиранд ва ба онҳо вижагиҳои мушаххас хосанд, алахусус дар мезо ва ва микроиқтисодиёт, ки аҳамияти функсионалии онро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи минтақавӣ муайян мекунанд. Ҳалли проблемаҳои бозори меҳнат, ки бо ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ алоқамандӣ доранд, ба «нармшавии» шиддатнокӣ ва тазоддҳои иҷтимоӣ ҳангоми баргузории ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намуд.

Масъалаҳои назариявии истифодаи қувваи корӣ дар асари К.Маркс ва Ф.Энгелс «Капитал» баррасӣ шудаанд, ки дар он ҷо аз тарафи муаллифон моҳияти меҳнат ва дугонагии он ошкор карда мешаванд. Онҳо назарияи барзиёдии аҳолӣ ва ногузирии ташаккули артиши захиравии меҳнат, яъне

бекориро асоснок мекунанд. Асосгузорони иқтисодиёти классикӣ У.Пети, А.Смит, Д. Рикардо, Ж.Б.Сэй ва пайравони онҳо аз мактаби неоклассискӣ А.Маршал, Ф.Милтон ақида доштанд, ки бозори меҳнат худтанзимкунанда буда, метавонад бидуни дахолати давлат ҳам вуҷуд дошта бошад. Ҳарчанд, ки ҳангоми барзиёдии аҳолӣ ҳаракатнокӣ ногузир аст, аммо механизмҳои ҷобаҷошавии онҳо то охир ошкорнашуда боқӣ мемонанд.

Ба ҷанбаҳои методологии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва танзими бозори меҳнат асарҳои илмии Д.М.Кейнс, П.Л.Самуэлсон, Р.Харрод, Х.Хексон, Э.Хансен бахшида шудаанд, ки барои танзими бозори меҳнат, муносибати маҷмӯиро пешниҳод карданд, яъне корбурди механизми дахолати давлатӣ бо унсурҳои иқтисоди бозорӣ (аз иқтисодиёти либералӣ) бо ибораи дигар, истифодаи механизмҳои низоми сотсиалистии иқтисодиёт, ки дар он ба дахолати давлатӣ, асосан такя мекунад.

Дар асарҳои муҳаққиқони муосири тоҷик ва рус Р.М.Бобоҷонов, Б.Денисенко, В.А.Ионсев, М.В.Курман, Ю.И.Крохалев, Ю.А.Макушев, Е.Л.Маневич, У.С.Раимдодов, Л.Л.Рибаковский, Х.М.Саидмуродов, Р.М.Умаров, А.Г.Ҳоҷибоев, Н.Хоналиев масъалаҳои ҳаракатнокии қувваи корӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аммо механизмҳои танзими онҳо ҳуқуқи таҳияи асосҳои қонунгузориро дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ вогузор менамоянд.

Бисёр донишмандони тоҷик (Р.К.Раҳимов, Н.К.Қаюмов, Н.Хоналиев) таваҷҷуҳро ба омӯзиши қувваи кории пурра истифоданашаванда равона мекунад. Муҳаққиқони рус Л.И.Абалкин, О.Т.Богомолов, В.Н.Кириченко, Р.Н.Нуреев, В.В.Радаев, А.В. Бузгалин, А.В.Куликов бошанд, ба зарурати танзими давлатӣ аҳамияти калон дода, намунаҳои гуногуни амсилаҳои консептуалии гузариш ба иқтисодиёти бозориеро, ки бояд ба ҳифзи кафоланоки иҷтимоии аҳолӣ дар шароитиёти иқтисоди бозорӣ асос ёфта бошад, пешниҳод мекунанд.

Пажӯҳишҳои олимони Аврупо М.Каханек, В.Молле, К.Ф.Симмерман аз нуқтаи назари таҳлил ва арзёбии пайомадҳои ҳарактнокии қувваи корӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, зеро пурзӯршавии раванди мазкур ба мушоҳида мерасад. Чунин андешаро олимон аз кишварҳои ИДМ дастгирӣ мекунанд, ки Г.Н.Гаврилко, В.В.Почекина, Р.М.Супрунович, А.Нестеренко ва дигарон аз ҷумлаи онҳоянд.

Муҳаққиқон А.Сафонов, Т.В.Новиков раванди ҳаракатнокии қувваи кориро таҳқиқ намуда, омилҳои ҳаракатнокиро ошкор мекунад, ки дар он диққати махсус ба омодагии психологии корманд барои гузаштан аз як минтақа ба минтақаи дигар дода мешавад. Дар мубоҳисаҳои илмии олимон Л.С.Бляхова, И.Малсева, А.В.Менҷерес ҳаракатнокӣ ҳамчун механизми мутобиқшавӣ ба тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнат баррасӣ мегардад.

Муҳаққиқон М.Р.Кошонова, З.С.Султонов, Х.Умаров ва дигарон муътақиданд, ки неруи ҳаракатдиҳандаи ҷобаҷошавии қувви корӣ интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳои рушди сармояи инсонӣ мебошад. Р.У.Улмасов, О.А.Парфенсева, Л.Х.Саидмуродов чунин мешуморанд,

ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш тағйироти сохторӣ дар ҳаракати қувваи кориро ошкор менамояд. Донишмандон В.Исломова, Ф.С.Исломов, Л.Ю.Николаева афзоиши таркиби демографиро ҳамчун замина барои барзиёдии захираҳои меҳнатӣ баррасӣ мекунанд ва танзими онро аз ҷониби давлат зарур мешуморанд.

Танзими бозори меҳнат, ки пешниҳоди қувваи кориро ба вуҷуд меорад, аз ҷониби профессор Т.Д. Усмонова мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба ақидаи Ҳ.Н.Фақеров М.Нурмаҳмадов, Д.Б.Қодиров проблемаҳои муносибатҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо, танзими он аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ зарур дониста мешавад. Масъалаҳои таъсиррасонии ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози рушди равандҳои муҳоҷират дар асарҳои М.Саидмурадов, А.Г.Ҳоҷибоев, Н.Хоналиев, Ҳ.У.Умаров, Р.М.Бобоҷонов, И.П.Гуршумов, Ю.Р.Юсуфбеков, У.С.Раимдодов, З.Ҳалимхонов баррасӣ мегардад. Ба масъалаҳои ҳаракатнокии ҳудудии қувваи корӣ асарҳои Р.М.Бобоҷонов, Д.С.Амонова, А.Д.Ҷабборов, М.К.Кабутов, Д.Б.Қодиров, С.Д.Комилов, О.Коситов, М.Ш.Маҳмадбеков, С.Олимова, Р.У.Улмасов, Ҳ.Умаров, Т.Д.Усмонова, П.С.Хошмуҳамедова бахшида шудаанд.

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти олимони маъруф дар ин самт ба хулоса омадем, ки таҳқиқи бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, зеро дастгоҳи мафҳумии он бо таърифи ҳаракатнокӣ маҳдуд аст ва танҳо омилҳое, ки боиси ҳаракати қувваи корӣ, яъне ҳаракатнокӣ мешаванд, шарҳ дода шудаанд. Омӯзиши рушди механизмҳои ҳаракатднокии захираҳои меҳнатӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокии танзими он дар шароити бухрони иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва депрессияҳо тамом нашудааст. Зарурати ҳалли проблемаҳои дар боло зикршуда ҳадаф ва вазифаи таҳқиқоти мазкурро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсионӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: \Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: з.б. 3.2.Рушди минтақаҳо; б.4.Рушди сармояи инсонӣ; з.б.5. Шуғли пурмаҳсул; Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015; Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа; Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давоми солҳои 2011-2015 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** асоснок овардани пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ ва назариявию методологӣ асоснок ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи ҳадафҳои гузошташуда, вазифаҳои асосии таҳқиқот аз нуқтаҳои зерин иборат аст:

- омӯзиши равишҳои илмию методии фаъолияти бозори меҳнат дар шароити ҳаракатноки захираҳори меҳнатӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ;

- омӯхтани динамикаи инкишофи бозори мехнати ҷумҳурӣ ва муайян намудани таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ба рушди он;

- таъсири муҳоҷирати берунии захираҳои меҳнатӣ ба ташаккули бозори меҳнат ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ арзёбӣ мекунад;

- таҳияи самтҳои асосии такмили механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ;

- асоснок намудани афзалиятҳои рушди механизми танзими бозори меҳнат бо назардошти таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии захираҳои меҳнатӣ дар қаринаи ҳаракатнокӣ ва баргардандагӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** раванди такмили механизмҳои танзими бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо ҳаракатнокӣ ва баргардандагии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар асоси андешаи илмӣ оид ба зарурияти рушди бозори меҳнат ва шуғли пурмаҳсули захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ муайян шудааст.

**Заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимони тоҷик, рус ва хориҷаи дур оид ба шуғл, муҳоҷират, ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ, такмили механизми давлатии танзими шуғли аҳолӣ, ташаккули бозори меҳнат, назарияи истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳангоми барзиёдӣ ва норасоии онҳо ташкил мекунанд.

Дар раванди иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои умумиилмӣ, таҳлил ва таркиб (синтез), муқоиса, коркарди электронии маълумоти омори давлатӣ ва ғайрирасмӣ, пурсишҳо истифода шуданд. Амсилаҳои иқтисодию математикӣ барои арзёбии экспертӣ истифода гардиданд. Корбурди методҳои зикршуда имкон дод, ки асоснокии натиҷаҳои бадастовардашуда, натиҷагириҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалиро таъмин намояд.

**Заминаи эмпирикии** таҳқиқотро фармонҳои Президенти кишвар, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсияҳо, барномаҳои марбут ба масъалаҳои ҳаракатнокӣ, шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ, низомномаҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конфронсҳои илмию назариявӣ ва дигар маълумоти нашргардида дар матбуоти даврӣ, захираҳои иттилоотӣ ва электронӣ, маводи омор барои солҳои 2004-2016, маълумоти Агентии омори

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2020, коркардҳо ва ҳисобкуниҳои муаллиф дар доираи таҳқиқоти мазкур ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** коркарди пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки назариявию методологӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навоварии илм мебошанд, аз инҳо иборатанд:

1. Муқарраротии назариявии рушди бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ошкор карда шудаанд. Ба ақидаи муаллиф, бозори меҳнат муносибатҳои марбут ба хариду фурӯши меҳнат буда, муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷараёни муносибатҳои мутақобилаи корманд ва корфармо дар ҷараёни ҷалби қувваи корӣ ба корхонаи худ тавассути ангезаҳо, ҳавасмандӣ ва манфиатҳо ба амал меоянд. бастани шартномаи дарозмуддат. Ҳаракати мехнатӣ хамчун раванди тайёрии маънавӣ, психологӣ ва тахассусии захираҳои меҳнатӣ ба харакат дар асоси дастгирии муташаккилонаи давлат ба сохахои пешқадами истеҳсолот шарх дода мешавад.

2. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ошкор карда шудаанд. Муайян карда мешавад, ки категорияҳои бозори меҳнат ҳудуди худро васеъ намуда, таҳқиқоти амиқро дар унсурҳои нави пайдоиши бозори меҳнат, аз қабили ҳаракати корӣ, бозгашти муҳоҷирони корӣ ва мутобиқшавии онҳо дар кишварҳои қабулкунанда тақозо мекунанд, яке аз қисмҳои таркибии бозори меҳнат мебошад, ки метавонад ҳамчун абзоре хизмат кунад, ки ба ташаккули механизми бозори меҳнат мусоидат намояд.

3. Тамоюлҳои рушди бозори меҳнати ҷумҳурӣ муайян гардида, таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ба рушди он муқаррар карда мешавад. Муайян карда шуд, ки шартҳои асосии ҳаракати баланди меҳнатӣ дар Тоҷикистон қувваи кории зиёдатӣ, инфрасохтори суст инкишофёфтаи бозори меҳнат, маоши паст, рушди нобаробари минтақавии бозори меҳнат дар соҳаи истеҳсолот мебошад.

4. Таъсири муҳоҷирати берунии захираҳои меҳнатӣ ба ташаккули бозори меҳнат ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ муқаррар карда шудааст. Муайян карда мешавад, ки қувваи пешбарандаи ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ пулҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ барои қонеъ гардонидани сабади истеъмолии аҳолӣ, рафъи ташаннуҷи иҷтимоӣ, ҷуброни талафоти сармояи инсонӣ мебошад, ки имкон медиҳад заминаи методологии пешгӯӣ фароҳам оварда шавад. ва минбаъд тартиб додани сенарияхои алтернативии инкишофи механизмхои бозори мехнат ва тараккиёти тамоми иктисодиёти миллӣ.

5. Самтҳои асосии такмили механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ таҳия карда шуданд. Барои такмили механизмҳои бозори меҳнат ва воситаи асосии он – ҳаракати захираҳои

меҳнатӣ, ба андешаи муаллиф, зарур аст: бунёди инфрасохтор ва муносибатҳои байнидавлатӣ; ташкили фаъолияти сохторхои истехсолй ва гайриистехсолй аз чихати кор бо кадрхо; танзими давлатии системаи мақомот ва хадамот, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои контрагентҳои бозори меҳнатро таъмин менамоянд; бо кор таъмин кардан, бо рохи ташкили биржахои давлатии мехнат хамчун кисми таркибии бозори мехнат аз хисоби шумораи чойхои холй чи дар корхонахои мавчуда ва чи дар корхонахои навтаъсиси мехнатталаб. Илова бар ин, мусоидат намудан ба шуғли пурмаҳсули аҳолии қобили меҳнат, такмили заминаи ҳуқуқӣ, ки ҳамкории муассир байни муассисаҳои таълимӣ ва истеҳсолиро ҷиҳати таъмини ҷойҳои корӣ таъмин менамояд, муҳим аст.

6. Афзалиятҳои рушди механизми танзими бозори меҳнат бо назардошти таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ асоснок карда мешаванд. Муайян карда мешавад, ки механизми танзими бозори меҳнат омилҳои зиёдеро дар бар мегиранд, ки маҷмӯи шабакаҳои институтсионалии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва пулиро дар бар мегиранд, ки ба такони рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Қайд карда мешавад, ки танзими механизмҳои бозори меҳнат дар якҷоягӣ бо равандҳои ҳаракати меҳнатӣ дар шароити кунунии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ метавонад ба кишварҳои дорои захираҳои меҳнатии зиёдатӣ имкон диҳад, ки тавассути муҳоҷират бо ҷойҳои корӣ бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намуда, буҷети кишварҳоро пурра намояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- аниқгардонии муқарраароти назариявии рушди бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ;
- муайян намудани тамоюлҳои рушди бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва арзёбии таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ба рушди он;
- асосноккунии таъсири муҳоҷирати берунии захираҳои меҳнатӣ ба ташаккули бозори меҳнат ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ;
- таҳияи самтҳои асосии такмили механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ;
- асосноккунии самтхои афзалиятноки рушди механизми танзими бозори мехнат бо назардошти таъсири ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ.

**Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот** аз таҳлили амиқи иқтисодию назариявӣ ва ниҳодии равандҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ дар чаҳорчӯбаи таъмини самаранокии шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Натиҷаҳои ба даст овардашуда имкон медиҳанд, ки назарияи бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии қувваи корӣ, ҳамчун яке аз намудҳои шуғли аҳолӣ дар шароити муттаҳидшавӣ, ҳамгироӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат, ки дар ниҳояти кор, ба афзоиши сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад, рушд ва такмил ёбад.

**Аҳаммияти амалии** хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар он аст, ки нуктаҳои назариявӣ ва методологии пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти марказӣ ва маҳаллии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияи миллии шуғли аҳолӣ ва таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии кишвар истифода шаванд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалӣ имконият медиҳад, ки шиддати иҷтимоӣ дар бозори меҳнат паст карда шуда, самаранокии иқтисодии фаъолияти истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад.

**Соҳаи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқот тибқи бандҳои шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат гузаронида шуд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳо ва маводи асосии таҳқиқот аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ дар ҷараёни фаъолияти амалии худ истифода гардида, инчунин дар интишороти илмӣ ва суханрониҳо дар конфронсҳои илмию амалӣ инъикос ёфта, баҳои мусбат гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти таҳлили механизмҳои амалкарди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳаракатнокии қувваи корӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, тавсияҳои методии илмию амалӣ дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Иқтисодиёти байналмилалӣ» барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ истифода шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 19 таълифоти илмии муаллиф нашр карда шудаанд, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия ба чоп расонида шудаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ дар мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ тақрибан 10,55 ҷузъи чоппии муаллифиро ташкил менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, аз ҷумла ҳашт параграф, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, феҳристи адабиёти истифодашудаи шомили 213 номгӯй, инчунин замимаҳо иборат аст. Таҳқиқот дар 177 саҳифаи матни чопии компютерӣ иншо гардида, дорои 22 ҷадвал ва 26 расми ангоравӣ мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, пойгоҳи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва сохтори рисолаи илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар **боби якум** таҳти унвони *«Ҷанбаҳои илмию методологии ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ»*, муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии амалкарди бозори меҳнатро дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ; вижагиҳои ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат ва тағйироти сохтории бозори меҳнатро дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ошкор кардааст.

Таҳқиқоти дар рисолаи илмӣ гузаронидашуда, ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳои амалкард ва рушди бозори меҳнат ва ҳаракатнокии ба он вобастаи захираҳои меҳнатиро дақиқан муайян намояд, ки он таърихи тӯлонӣ дорад. Муаллиф дастгоҳҳои мафҳумии бозори меҳнат, бозори қувваи корӣ, захираҳои меҳнатиро синтез карда, ба хулосае омадааст, ки ҳамаи мафҳумҳои дар боло зикршуда муҳтавои худи мафҳуми ҳаракатнокии захираҳои меҳнатиро бо дарназардошти вижагиҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо ташкил медиҳанд. Муаллиф исбот кардааст, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ дастовардҳои бунёдии назария ва амалия, таҳқиқоти қаблиро возеҳан, инъикос мекунад, ки онҳо ба мо идроки равандҳои кунунии бозори меҳнатро имконпазир месозанд. Ҳамаи таҷрибаи қаблӣ метавонад дар таҳияи имконоти муносиби ошкорсозии механизмҳои танзими ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ аз мавқеъҳои гуногуни давлатӣ, хусусӣ, ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Аз ин нуқтаи назар, ангораи пешниҳодшудаи омӯзиши равишҳои илмии пешниҳодкардаи олимони мактабҳои гуногуни иқтисодиро аз мактаби классикии иқтисодиёт то иқтисодшиносони муосир ба таври возеҳ инъикос мекунад.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ҳанӯз ҳангоми зуҳури ҷомеаи башарӣ, вақте ки ниёз ба ин ё он қувваи муайяни корӣ ба мушоҳида мерасид, вуҷуд дошт. Он як раванди худсарона, бетартиб буд. Зеро, ҳатто классикони мактаби иқтисодӣ (А.Смит, Д.Рикардо) дар бораи бозори худтанзимкунандаи меҳнат, ки бе дахолати давлат кор карда метавонад, ақида баён карданд.

Назарияи кейнсианизм, ки пешвои он Ҷ.М.Кейнс ба ҳисоб меравад, дар бораи танзими шуғл тавассути ҷорӣ намудани корҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби давлат сухан мегӯяд. Аммо ниҳодгароён проблемаи шуғлро ҳангоми зарурати ҷорӣ намудани ислоҳоти ниҳодӣ мебинанд (В.Веблен, Ҷ.Гэлбрейт, С.Ҷ.Комилов). Дахолати давлат (В.В.Куликов, Х.У.Умаров), ташкили муносибатҳои меҳнатӣ дар дохили корхонаҳо (М. Нурмаҳмадов, Х.Н.Фақеров) воситаи муҳими танзими шуғл ба ҳисоб мераванд. Аммо, баъзе олимон чунин мешуморанд (Н.Ш.Шарифов, М.К.Кабутов, Д.Б. Қодиров), ки шуғли ба қайд гирифтанашуда ба муносибатҳои бозорӣ хос аст: ҳаракатнокӣ худтанзимкунанда ва худамалишаванда аст. Идоракунии ҳаракатнокӣ мувофиқи принсипи трипаратизм мақсаднок аст, ки ба созишномаҳои меҳнатӣ асос меёбад ва иштирокдорони он давлат, корфармо, корманди кироя (М.Р.Кошонова, С.Ҷ.Комилов, Д.С.Амонова) мебошанд.

Қувваи кории пурра истифоданашавандаи тавсифкунандаи бозори меҳнати Тоҷикистон (Р.К.Раҳимов, Н.Қ.Қаюмов, С.Ҷ.Комилов, Т.Ҷ.Усманова, Н.Хоналиев, Р.М.Бобоҷонов, П.С.Хошмуҳамедова) дар танзими ҳаракатнокии

меҳнат, ки метавонад масъалаи асосии ҳалли проблемаҳои рушди устувори бозори меҳнат ва рушди иқтисодӣ бошад, ниёзмандии махсус дорад.

Аммо, муаллиф дар таҳқиқоти худ хулоса мекунад, ки бозори меҳнат, тадриҷан, хусусияти бонизом ва танзимшавандаро пайдо мекунад. Аммо баъзан он метавонад ба мавқеи де-факто баргардад, яъне. Вақте, ки он дар давраи ҷангҳо, бухронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ худтанзимкунанда мешавад. Дар ин давра давлат бо сабаби арзи вуҷуд кардани сабабу оқибатҳои аз он бароянда табиист, ки як барномаи сиёсати шуғлро нокифоя таҳия мекунад, барномаи муайяни коҳиш додани бекорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба қадри кофӣ таҳия намекунад ва ин боиси он мегардад, ки қувваи корӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои худ худртанзимкунанда мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҳқиқоти олимони хориҷӣ, рус ва ватанӣ оид ба хулосаҳо дар бораи зарурати дарназардошти таҷрибаи гузашта; омӯзиши таҷрибаи таърихии мактабҳои иқтисодӣ оид ба бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ; омӯзиши заминаи қонунгузорӣ оид ба бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатии кишварҳои миллӣ ва фаромиллӣ; омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ИДМ дар рушди бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ; омӯзиши амсилаҳои муносиби бозори меҳнат ва муносибатҳои бозорӣ бо мақсади истифода ва мутобиқсозӣ ба шароити нави мувофиқ ба зеҳният ва анъанаҳои ҳам иқтисодиёти кишвар ва ҳам низоми иҷтимоию сиёсӣ имкон фароҳам намуд.

Муаллиф ҳангоми омӯзиши бозори меҳнат дар иқтисоди давраи гузариш пешниҳод мекунад, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути даромадҳо дар музди меҳнат дар Тоҷикистон дигар кишварҳои ИДМ, сабаби ҳавасмандии ҳаракатнокии захираҳои меҳнатиро дар музди меҳнат инъикос менамояд. Ба ақидаи муаллиф таҳлили муқоисавии музди меҳнат дар кишварҳои аъзои ИДМ ба хулосае меорад, ки ангезаҳои асосии ҳаракатнокӣ дар он шароите нуҳуфта аст, ки захираҳои меҳнатӣ қарор доранд (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналӣ дар солҳои 2010-2020 дар кишварҳои ИДМ[6] (бо воҳиди пули миллӣ)

| Кишварҳои ИДМ | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019[7] | 2020[8] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон (сомонӣ) | 354,44 | 879,2 | 969,2 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 |
| Озарбойҷон (манат) | 331,5 | 466,4 | 499,8 | 528,5 | 544,6 | 634,8 | 712,3 |
| Арманистон (ҳаз. драм) | 102,7 | 171,6 | 174,4 | 177,8 | 172,7 | 182,7 | 189,7 |
| Беларус (ҳаз.рубли белоруссӣ) | 1217,3 | 6718,7 | 722,7[9] | 822,8 | 971,4 | 1092,9 | 1250,9 |

[6] Маҷмӯаи. оморӣ «Бозори меҳнат дар Тоҷикистон» Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2020. С..243-244.

[7] https://cabar.asia/ru/kak-izmenilas-zarplata-v-tsentralnoj-azii-po-otnosheniyu-k-dollaru /Музди меҳнат дар Осиёи Марказӣ дар муносибат бо доллар чи гуна тағийр ёфт?

[8] http://www.cisstat.com/rus/macro/zp-1.pdf

[9] Инҷо ва минбаъд, аз соли 2016 - рубл (бо назардошти номинал, камшавии 10 000 маротиба).

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон (ҳаз.танга) | 77,6 | 125,3 | 142,9 | 150,8 | 162,7 | 186,8 | 212,6 |
| Қирғизистон (сом) | 7189 | 13277 | 14492 | 15670 | 16218 | 17200 | 18493 |
| Молдова (лей) | 2972 | 4538 | 4998 | 5587 | 6268 | 7234 | 7813,1 |
| Россия (рубли руссӣ) | 20952 | 34030 | 36709 | 39167 | 43724 | 47468 | 48390 |
| Туркманистон (ҳаз. манат) | 743 | 1263 | 1381 | 1403 | - | - | - |
| Узбекистон (ҳаз.сум) | 504,7 | 1171,6 | 1293,7 | 1457,7 | 1822,6 | 2324,4 | 2667,6 |
| Украина (гривен) | 2239 | 4195 | 5183 | 7104 | 8865 | 10497 | 11591 |

Тавре, ки аз ҷадвал дида мешавад, музди меҳнати баландтарин дар Федератсияи Россия (2016 – 546 доллари ИМА, дар соли 2019 – 673 доллари ИМА ва дар соли 2020 – 685 доллари ИМА; дар Қазоқистон ва Арманистон (2016 бештар аз 400 доллари ИМА, ва дар соли 2019 дар Қазоқистон – 433 доллари ИМА, дар Арманистон – 359 доллари ИМА, инчунин, дар соли 2020 дар Казокистон – 557 доллари ИМА, дар Арманистон – 396 доллари ИМА), дар Беларус (дар соли 2016 – 375 доллари ИМА, дар соли 2019 – 372 доллари ИМА ва дар соли 2020 - 396 доллари ИМА); ва дар Озарбойҷон дар соли 2016 – 320 доллари ИМА, дар соли 2019 – 350 доллари ИМА ва дар соли 2020 – 371 доллари ИМА, дар Молдова (дар соли 2016 – 265 доллари ИМА, дар соли 2019 – 350 доллари ИМА ва дар соли 2020 – 439 доллари ИМА) ва аз ҳама пасттарин музди меҳнат дар Тоҷикистон (дар соли 2016 – 122,8 доллари ИМА, дар соли 2018 – 134,83 доллари ИМА, дар соли 2019 – 140 доллари ИМА, ва дар соли 2020 – 135 доллари ИМА[10] ва дар Қирғизистон (дар соли 2010 – 156,4 доллари ИМА, дар соли 2018 – 238,6 доллари ИМА, дар соли 2919 – 246,9 доллари ИМА ва дар соли 2020 – 231,9 доллари ИМА[11]) мушоҳида шудааст.

Ҳарчанд, ки тамоюли афзоиши музди меҳнат дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, вале бинобар тафовути назарраси пардохтҳо барои гурӯҳҳои гуногуни касбҳо, музди меҳнат ба сатҳи ҳадди ақали рӯзгузаронӣ мувофиқ нест ва сониян, рақобати калон дар бозори меҳнат қувваи кориро маҷбур месозад, ки берун аз ватан ба ҷустуҷӯи кор равад. Онҳое, ки бо фаъолияти меҳнатӣ машғуланд ва музди кори собит ва дигар даромадҳои иловагӣ (даромад аз замин, амвол ва ғайра) доранд, дар ватан мемонанд.

Муаллиф аз ин таҳлил ба хулосае меояд, ки бо дарназардошти вижагиҳои давраҳои ҳаракатнокӣ ва бо дарназардошти ҳаракатнокӣ ҳамчун як намуди махсуси шуғл дар кишварҳои ғарбӣ ҳам бо корбурди методи ҳавасмандгардонӣ тавассути барномаҳои гуногуни таҳсилотӣ ҳаракатнокӣ амалӣ карда мешавад, бо дарназардошти вижагиҳои бозори меҳнати Тоҷикистон истифода бурдани он зарур аст, ки ба паст шудани шиддати бозори меҳнат мусоидат мекунад.

[10] Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ /маҷмӯаи оморӣ, Анегтии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.– С.210-211.
[11] Қирғизистон (маълумоти мухтасари оморӣ) / Кумитаи миллии омори Ҷумхурии Қирғизистон. Бишкек 2021. - С.24.

**Дар боби дуввум** *«Вазъи кунунии бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ»*, муаллиф вижагиҳои амалкарди бозори меҳнатро дар шароити ҳаракатнокии пуршиддати захираҳои меҳнатӣ, робитаи сабабию оқибатӣ ва шиддатнокии онро ошкор месозад. Муаллиф чунин мешуморад, ки агар байни омилҳо робитаи мантиқӣ сохта шавад, он гоҳ дар ҷараёни шароити таърихан ташаккулёфта онҳо робитаи зич доранд. Воситаи таҳлили робитаҳои мантиқии миёни омилҳои гуногун аз профессори Донишгоҳи Токио Каору Исикава иқтибос шудааст, ки ба тағйирёбии раванд такя мекунад ва ба натиҷаи мусбат оварда мерасонад, ин раванд бояд ҳамчун меъёр қабул карда шавад ва аз он то он даме, ки даври навбатии беҳшавии раванд сипарӣ нашудааст, набояд сарфи назар кард. Ӯ минбаъд пешниҳод мекунад, ки гунаи нави раванди тағйирот пайваста таҳти назорат бошад. Ва ҳамин тавр, пайваста ин тағйирот бояд дар шакли нав ҳамчун меъёр тасдиқ ва он риоя карда шавад[12]. Ва корбурди таҷрибаи мазкур метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муносиб бошад. Ба назари мо чунин менамояд, ки ин методика бояд ҳам дар шароити муҳоҷират ва ҳам баргаштан истифода шавад, яъне ҳамон вақте ки раванди ҷобаҷошавӣ ба амал меояд. Таҳлили динамикаи муҳоҷират нишон дод, ки дар давраи омӯзишӣ ҷобаҷошавӣ бештар дар вилояти Хатлон мушоҳида мешавад, дар ҷойи дуюм вилояти Суғд аст. Дар ҳамин ҳол, муҳоҷирон, аксаран ба вилояти Хатлон ва камтар ба вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бармегарданд.

Аз ҷадвал метавон хулоса кард, ки раванди динамикии муҳоҷират ва бозгашти муҳоҷирон вобаста ба минтақаҳо дар Тоҷикистон фарқ мекунад. Вазни хоси онҳое, ки аз вилояти Хатлон ва НТМ муҳоҷират мекунанд, зиёд аст ва аз рӯйи таркиб муҳоҷирон, асосан аҳолии деҳот, дар иқтисод шуғлнадоштагон мебошанд. Аз рӯйи шумораи муҳоҷирони бозгаштаи шаҳри Душанбе камтарин вазни хосро дорад – 3,2% (дар соли 2015 он 19,5% буд). Асосан кадрҳои баландихтисос муҳоҷират карда, дар ҳамон ҷо маскан мегиранд.

Ҷадвали 2

Динамикаи муҳоҷират ва бозгашти муҳоҷирон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 (вазни хос)[13]

| Минтақаҳо | Рафтан ва бозгаштани муҳоҷирон | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | с.2015 | | с.2016 | | с.2019 | | с.2020 | |
| | рафтан | бозгашт | рафтан | бозгашт | рафтан | бозгашт | рафтан | бозгашт |
| **ҶТ** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **Душанбе** | 13,6 | 19,5 | 4,9 | 6,2 | 4,0 | 3,2 | 2,5 | 3,3 |
| **НТМ** | 20,3 | 27,3 | 19,3 | 20,8 | 22,4 | 22,1 | 21,3 | 18,1 |
| **Суғд** | 30,2 | 6,4 | 30,6 | 27,9 | 25,38 | 27,14 | 27,6 | 34,3 |
| **Хатлон** | 31,6 | 39,1 | 41,0 | 40,4 | 41,7 | 38,2 | 42,6 | 39,1 |
| **ВМКБ** | 4,2 | 6,0 | 4,2 | 4,8 | 6,3 | 9,2 | 6,0 | 5,2 |

---

[12] Методи Исикава: Муайянкунӣ ванамунаи сохтани намудор.www.up_ru>encyclopedia>diagramma-isikay/

[13] Таҳияи муаллиф. Маълумоти хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020.

Вилояти Хатлон аз рӯйи бозгашти муҳоҷирон дар ҷойи аввал аст – 39,1%. Таҳқиқоти мо дар заминаи минтақавӣ аз ҷиҳати ҳаракатнокии қувваи корӣ дар харитаи ҷуғрофии муҳоҷират инъикос ёфтааст, ки он имкон дод омӯзиш ва ошкорсозии савияи ҳаракатнокии пуршиддати захираҳои меҳнатӣ имконпазир гардад. Таҳқиқоте, ки мо дар ҷанбаи минтақавӣ анҷом додаем, таҳлили моро амиқтар мекунад ва хулосаҳоро ҳадафмандтар мекунад. Муносибати нав ба таҳлил-ин сохтани ихтисоснокии минтақа аст ва вижагиҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷиҳати ҳаракатнокии аҳолӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷадвали 3

Гурӯҳбандии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ (рафтани муҳоҷирон, наф. дар соли 2019)*

| № | Мақоми ноҳия | Меъёрҳо (наф.) | Шумораи ноҳияҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаракатнокии баландтарин | 11285-21477 | 15 |
| 2 | Ҳаракатнокии миёна | 8273-11285 | 17 |
| 3 | Ҳаракатнокии паст | 4655-8273 | 21 |
| 4 | Ҳаракатнокии пасттарин | 949-4655 | 14 |

**Муаллиф таҳия кардааст.*

Харитаҳои ҷуғрофиёие, ки мо тартиб додаем, рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ, яъне. муҳоҷирати онҳо аз рӯйи минтақаҳоро инъикос мекунанд (ба ҷадвали 2 нигаред).

Тавре ки дар харитаи ҷуғрофии муҳоҷират дида мешавад, ҳаракатнокии баландтарини захираҳои меҳнатӣ дар 15 ноҳияе, ки ба вилоятҳои Хатлон ва Суғд дохил мешаванд ва қисман дар ноҳияҳои тобеи марказ мушоҳида мешаванд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор, Бохтар, Исфара ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Б.Ғаффуров, Конибодом, Панҷ, Шаҳритус, Ёвон, Ҷайҳун ва ноҳияи Қубодиён баландтарин дараҷаи ҳаракатнокии пуршиддати захираҳои меҳнатӣ ба мушоҳида мерасад.




***Эзоҳ:*** *Харита дар асоси барномаи Map Viewer – воситаи таҳлили иттилооти картографӣ сохта шудааст.*

Аммо бо дарназардошти ҷуғрофияи ноҳияҳо, асосан, ҳаракатнокӣ бо омодасозии кадрҳо, талабот ба онҳо дар бозори байналмилалии меҳнат алоқаманд нест, балки ба эҳтимоли зиёд ҷанбаи стихиявӣ дорад. Онҳо ба ҳаракатнокии бозори меҳнат, амалан таъсире надоранд. Аз ҷумлаи ноҳияҳое, ки ҳаракатнокии миёна ва камтар аз миёна доранд, танҳо 38-тои онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар рушдёфтаанд ва онҳо ба шиддатнокии пешрафти бозори меҳнат таъсир мерасонанд.

Ҷадвали 4

Гурӯҳбандии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи ҳаракати захираҳои меҳнатӣ (бозгашти муҳоҷирон, наф. дар соли 2019)*

| № | Мақоми ноҳия | Меъёрҳо (наф) | Шумораи ноҳияҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаракатноки баландтарин | 9201-21226 | 14 |
| 2 | Ҳаракатнокии миёна | 6103-9201 | 17 |
| 3 | Ҳаракатнокии паст | 3234-6103 | 24 |
| 4 | Ҳаракатнокии пасттарин | 1274-3234 | 12 |

**Муаллиф таҳия кардааст.*

Дар ҷадвали 4 мо раванди бозгашти муҳоҷиронро мушоҳида мекунем ва маълумоти овардашуда ба мо имкон медиҳанд, ки чунин хулоса барорем:

- аз минтақаҳое, ки шумораи муҳоҷирони раванда бештар мебошанд, шумораи муҳоҷирони кории баргарданда камтар аст. Ин аз мутобиқшавии онҳо дар шароити муҳоҷират, саъю кӯшиши омӯхтани забон, риояи меъёру қоидаҳои рафтор, донистани қонунҳои кишвари қабулкунанда шаҳодат медиҳад. Ин ба сокинони ноҳияҳои шимолии кишвар хос аст; муҳоҷирони меҳнатие, ки аз қисми ҷанубии ҷумҳурӣ ба муҳоҷират мераванд, ба мутобиқшавӣ камтар тамоюл доранд, ки ин нишонаи надонистани забон, фарҳанг, тахассуси паст ва малакаҳоест, ки дар кишварҳои қабулкунанда талабот доранд, мутаносибан шумораи муҳоҷирони баргарданда бештар аст.




***Эзоҳ:*** *Харита дар асоси барномаи Map Viewer – воситаи таҳлили иттилооти картографӣ сохта шудааст.*

Аз рӯйи харитаи ҷуғрофии муҳоҷират мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар соли 2019 ҳаракатнокии баландтарини меҳнатӣ дар минтақаҳои Хатлон ва Суғд мушоҳида шудааст. Дар мавриди бузургии миёна аз рӯйи шиддатнокии ҳаракат бошад, он қаламрави шаҳри Душанберо фаро мегирад. Дар ҳудуди НТМ ҳаракатнокии пасти муҳоҷирон мушоҳида карда мешавад. Ҳаракатнокии пасттарини захираҳои меҳнатӣ дар ВМКБ мушоҳида мешавад. Таҳлили маълумот дар бораи бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2019 ҳамин гуна манзараро нишон медиҳад. Аммо шумораи муҳоҷирони бозгашта дар вилояти Хатлон нисбат ба вилояти Суғд зиёд буда, 60,7%, дар навоҳии тобеи марказ - 53,6%-ро ташкил медиҳад. Дар ВМКБ ва шаҳри Душанбе бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ хеле пасттар нисбат ба вилояти Хатлон аст, мутаносибан-15,2 ва 0,9%. Дар шароити пандемия ва паҳншавии сирояти коронавирус дар соли 2020 шумораи шахсони хориҷшуда аз Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 150,1 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз он чумла 129,8 хазор нафар мухочирон буданд.

Таҳлил исбот кард, ки проблемаи таҳқиқшавандаи захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон, сарфи назар аз таъсири омилҳои экзогении бозори меҳнат, ки ба ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ марбут буда, мубрам ва мавзӯи доғи рӯз боқӣ мемонанд. Омӯзиши хориҷшавӣ ва воридшавии муҳоҷирони меҳнатӣ нишон дод, ки дар назарияи ҳаракати байналмилалии меҳнат самти наве ба вуҷуд омада истодааст, ки онро раванди ҳаракатнокии меҳнат меноманд, ки бозгашти коргарон ба ватанро дар бар мегирад. Омӯзиши ҳаракатнокии қувваи корӣ, муҳоҷират ва бозгашт нишон дод, ки назарияи ҳаракатнокӣ бо нишондиҳандаҳои касбият, аз худ кардани донишҳо ва малакаҳои нав, саҳми қувваи корӣ ба иқтисодиёти кишвар, арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар давраи будубош, таъсири интиқоли маблағҳои пулӣ ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ такмил мегардад.

Таҳқиқоти ҳаракатнокии қувваи корӣ, ки аз нуқтаи назари паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар бозори меҳнати ҳарду кишвар, ҳам аз нуқтаи назари камбуди қувваи корӣ ва ҳам барзиёдии меҳнат ба назар гирифта шудааст, нишон дод, ки он воситаи асосии ташаккули механизми бозори меҳнат мебошад. Унсури муҳим ин омӯзиши пайваста ва доимии қувваи корӣ бо мақсади мутобиқ шудан ба шароити нав, аз худ кардани донишу малакаҳои нав барои кишвари қабулкунанда ва рақобатпазир будан мебошад. Бозори меҳнат, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавӣ, ба муносибатҳои муайян, яъне муносибатҳои меҳнатӣ асос ёфтааст. Корфармо ва коргар шартнома мебанданд, ки онро бояд иҷро намоянд. Сабаби бозгашти муҳоҷир тавассути омӯзиши омилҳои беруна (таъсири беруна) ва таъсири баръакси онҳо бидуни омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи он имконнопазир аст. Содироти оқилонаи қувваи корӣ дар шакли интиқоли маблағҳои пулӣ ба иқтисодиёти кишвар саҳми бузург хоҳад гузошт. Бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ самтҳои нав пайдо мекунад, робитаи байни бозори меҳнат ва шиддатнокии пешрафти қувваи корӣ барқарор карда мешавад ва он ба суботи макроиқтисодии кишвар таъсиррасон аст (ниг. ба ҷадвали 7).

Коҳишёбии рушди иқтисодии кишвар то сатҳи 6,5% дар соли 2014 ва то 4,5% дар соли 2020 бо сабаби суст шудани суръати рушди иқтисодӣ дар Россия ва аз ин рӯ, коҳишёбии содироти қувваи корӣ тавзеҳ мегардад. Ҳукумати кишвар бо сармоягузориҳо ва гирифтани қарз аз созмонҳои байналмилалӣ барои болоравии иқтисодиёт саъй дорад, ки оқибатҳои манфиро пешгирӣ кунад. Тавре, ки дар ҷадвали 7 инъикос ёфтааст, афзоиши воқеии ММД ба 7% расид, ки аз болоравии иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад. Коҳишёбии интиқоли маблағҳои пулӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба қобилияти харидории аҳолӣ ба молу хизматрасониҳо ва манзил таъсир нарасонида аст. Аммо даромади аҳолӣ нисбат ба соли 2010 дар 2019 ба андозаи 3,5 маротиба афзоиш ёфт, ки ин номукаммал будани баҳисобгирии интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатиро нишон медиҳад.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирон вуруди асъорро ба кишвар таъмин мекунад, инчунин бобати ба эътидол овардани рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад ва ба истеъмолот таъсири мусбат мерасонад.

Аз сабаби он, ки муаллиф ҳангоми таҳлили интиқоли маблағҳои пулӣ ва истеъмолот тафовути калонро мушоҳида мекунад, ӯ ба хулосае меояд, ки мавҷудияти кадом роҳҳои дигари интиқоли маблағҳои пулӣ ба ҷумҳуриро, ки ба афзоиши истеъмолоти аҳолӣ дар ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Ба ин муносибат муаллиф пурсиши сотсиологиро бо роҳи пурсиши экспертҳо, мутахассисони соҳаи интиқоли маблағҳои пулӣ, муҳоҷират, хадамоти муҳоҷирати Федератсияи Россия ва Тоҷикистон роҳандозӣ намудааст.

Ҷадвали 7

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2020)*

| | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020[14] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД бо нархҳои амалкунанда миллион сомонӣ | 24704.7 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 77354,7 | 82543,0 |
| ММД бо миллион $ ИМА | 5640 | 7860 | 6950 | 7140 | 7520 | 8120 | 7998,4 |
| Афзоиши ММД ҳақиқӣ бо % | 13,36 | 14,99 | 11,51 | 2,75 | 5,26 | 7, 94 | 4,5 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо % | 9.2 | 11,3 | 16,0 | 21,3 | 19,6 | 13,2 | 8,8 |
| Индекси ММ хоҷагии қишлоқ | 6.8 | 3,2 | 5,2 | 6,8 | 4,0 | 7,1 | 8,8 |
| Ба истифода додани ВА млн.сом. | | 4129,5 | 5406,6 | 6635,1 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,8 |
| Даромади буҷети давлатӣ бо % нисбат ба ММД | 7.5 | 34,3 | 33,9 | 38,1 | 35,0 | 30,4 | 30,4 |
| Содироти мол бо млн. $ ИМА | 1195,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 |
| Воридоти мол бо млн. $ | 2657,8 | 3435,6 | 5535,1 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 |

[14] Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ /маҷмӯаи оморӣ, Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.– С. 13,15,17,19,229,335,337.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ИМА | | | | | | | |
| Интиқоли маблағ бо млн. $ ИМА | 2420.7 | 2260,0 | 1900,0 | 1250,0 | 1950,0 | 2200,0 | 1741,0 |
| Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ бо млн сом. | 13948,5 | 34968,0 | 36711,7 | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 72547,2 |
| Қурби мубодилаи асъор, бо $ ИМА (миёна) | 4.4 | 4.76 | 4.76 | 4.93 | 6,85 | 9,42 | 10,30 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ бо $. ИМА | 742,8 | 929,2 | 804,1 | 808,6 | 834,7 | 880,2 | 851,5 |
| Таварруми нархҳои истеъмолӣ бо % | 6,5 | 5,8 | 5,9 | 7,3 | 3,8 | 7,8 | 8,6 |
| Даромади аҳолӣ, млн сом. | 13256,0 | 25569,9 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 |
| Музди миёнаи моҳонаи корманд бо сом. | 8.5 | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 |
| Қарзи хориҷӣ бо % нисбат ба ММД | 36,6 | 34,7 | 42,1 | 50,3 | 47,8 | 43,1 | 39,6 |
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 7621 | 8551 | 8742 | 8931 | 9126 | 9313 | 9506,3 |

**Манбаъ*: *аз ҷониби муаллиф дар асоси Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020, С.10, 140, 146, 204, 276, 300, 357, 359. Бюллетени оморӣ 04 (285), 2018, С.11-98. Ҳисоботи қарзи давлатӣ. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018,С.4.*

Муаллиф чунин мешуморад, ки даромадҳои аҳолӣ бояд дар истеъмолоти онҳо инъикос ёбад. Натиҷаҳои пурсиши экспертҳо ноустувории низоми интиқоли маблағҳои пулиро нишон доданд. Ба ин муносибат муаллиф чунин мешуморад, ки омӯзиши масъалаҳои истеъмоли хусусӣ ва таносуби онҳо бо омилҳои дигари таъсиррасон ба даромад низ зарур аст, чунон ки тибқи қонуни Энгел – афзоиши даромад боиси афзоиши истеъмол мегардад, ки он асос барои омӯзиши даромади хонаводаҳост.

**Дар боби сеюм** *«Самтҳои асосии такмили механизми бозори меҳнат дар шароити афзоиши ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ»*, масъалаҳои зерин аз қабили такмили механизми бозори меҳнат ва самтҳои асосии он; ҳаракатнокии меҳнат ҳамчун воситаи асосии танзими бозори меҳнат баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф чунин мешуморад, ки «механизми бозори меҳнат маҷмӯи унсурҳои мувофиқсозии манфиатҳои корфармоён ва коргарон мебошад ва ҷузъҳои асосии ин механизм аз талабот, пешниҳод, нархи қувваи корӣ, рақобати байни харидорон ва фурӯшандагони меҳнат, ҳамчунин захираи қувваи корӣ иборатанд » (расми 2).

Ба ҳамкории байни талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он дар бозори меҳнат, чунон ки муаллиф қайд мекунад, вазъи демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, ҳаракати нархи қувваи корӣ, сифат ва сатҳи даромадҳои воқеӣ таъсир мерасонанд. Таносуби талабот ва пешниҳод вазъи бозори меҳнат номида мешавад. Охирин метавонад ҳангоми мувофиқати талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар мувозинат бошад. Ҳамон вақт барзиёдии меҳнат ҳисоб карда мешавад, ки пешниҳоди қувваи корӣ аз талабот зиёдтар аст, камбудии меҳнат бошад, вақте, ки талабот ба қувваи корӣ аз пешниҳод болотар бошад.




Расми 2. Механизмҳои бозори меҳнат *

** Манбаъ: муаллиф тартиб додааст.*

Унсури муҳими бозори меҳнат конъюнктураи бозор мебошад, ки бо механизми ниҳодӣ танзим карда мешавад ва дар ин ҳол дараҷаи ҳаракатнокии муҳоҷирати корӣ ба он таъсири калон мерасонад. Нархи қувваи корӣ ин маҷмӯи нархи воситаҳои рӯзгузаронӣ мебошад, ки барои такрористеҳсоли муқаррарии қувваи корӣ дар шакли музди меҳнат заруранд. Нархи меҳнат ба вазъи бозори меҳнат ва ҳаракатнокии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Афзоиши музди меҳнат боиси афзоиши пешниҳод ва афзоиши шиддатнокии ҳаракатнокӣ мегардад, аммо талабот ба қувваи корӣ коҳиш меёбад ва коҳиши музди меҳнат боиси коҳиши пешниҳод мегардад, аммо шиддати ҳаракатнокӣ кам намешавад ва талабот ба қувваи корӣ меафзояд. Ҳангоми баробар будани ҳаҷми талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ба истилоҳ баробарии нархи мувозинати қувваи корӣ  муқаррар мегардад, ки боиси паст шудани шиддати иҷтимоию иқтисодӣ мешавад. Унсури навбатии механизми бозори меҳнат дараҷаи рақобат дар бозори меҳнат байни харидорон ва фурӯшандагони қувваи корӣ аст. Одатан, бозорҳои рақобатӣ, инҳисорӣ ва монопсониро бо навъҳои худ фарқ мекунанд. Бозори рақобатии меҳнат дар Тоҷикистон бо шумораи ками харидорони аз якдигар мустақили меҳнат ва шумораи зиёди фурӯшандагони

рақобатнакунандаи меҳнат тавсиф мешавад (ба истисноии бозори стихиявии меҳнат), ки шартҳои кирояро ба дигарон таҳмил намекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фишангҳои бахши давлатӣ ба такмили механизми бозор вориди амал намешаванд, потенсиали бахши давлатӣ истифода намешавад, маҳз тавассути хадамоти муҳоҷират, ки солҳои 2010-2020 барои кор ба кишварҳои дигар танҳо 868 нафар кормандон фиристода шуда буданд ва потенсиали ҳаракатнокӣ истифоданашуда боқӣ мемонанд. Ташаккули бозори муосири меҳнат ва такмили механизми он инҳоро талаб мекунад: бунёди инфрасохтор ва муносибатҳои фарогири танзими макроиқтисодӣ; ташкили фаъолияти сохторҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар самти кор бо кадрҳо; танзими давлатӣ аз ҷониби низоми мақомот ва хадамоте, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамтоёни бозори меҳнатро таъмин мекунанд.

Муаллиф дар таҳлили худ ба таъсири интиқоли маблағҳои пулӣ аз лиҳози минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда, ба хулосае омадааст, ки қувваи пешбарандаи ҳаракатнокии қувваи корӣ ба даромадҳои пулӣ ва мутаносибан, ба интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирати корӣ асос ёфтааст. Захираҳои меҳнатӣ, мувофиқи қонунҳои бозор барои худ корбурди муфидтарро меҷӯянд, ки самаранокии ҳадди аксарро медиҳанд. Ҳамзамон, бо риояи қонунҳои талабот ва пешниҳод, бозори меҳнат аз дигар бозорҳои молӣ як қатор тафовутҳои ҷиддӣ дорад. Дар ин ҷо танзимгарони такмили механизми бозори меҳнат на танҳо омилҳои иқтисодӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ ва психологӣ мебошанд, ки на ҳамеша нархи неруи корӣ – музди меҳнатро воқеъбинона муайян мекунанд.

Таҳқиқот бори дигар тасдиқ кард, ки ҳаракатнокии меҳнат, ки яке аз воситаҳои муҳими танзими механизми бозори меҳнат буда, худро ҳамчун воситаи худтанзимкунӣ зоҳир мекунад, ба шароити иқтисоди бозорӣ комилан мувофиқ аст ва аз ин рӯ масъулият ба зиммаи давлат гузошта мешавад, ки он танзимгари асосии раванди ҳаракатнокии бозори меҳнат мебошад. Ҳалли проблемаҳои танзими таҳсилот, ташкили омӯзишҳо барои гирифтани касбҳои талабшаванда, тахассусҳо дар шароити рақобат ва талабот ба қувваи корӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат ва таъмини ниҳодии онҳо ба давлат вогузор аст. Ба назар гирифтан муҳим аст, ки вижагии танзими ин раванд ҳамкории зичи ниҳодҳои бозори меҳнат бо биржаи бозори шуғли аҳолӣ мебошад, ки дар он захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла кадрҳои шахсии дубора истеҳсолнамудаи захираҳои меҳнатӣ ҷамъ шудаанд.

Ҳама корфармоён мехоҳанд бо шарикон-таъминкунандагони захираҳои меҳнатӣ ва таъминкунандагони шароити муътадили муносибатҳои корӣ бошанд ва шароити иҷтимоию маишии қобили қабул дошта бошанд. Барои ноил шудан ба ин, муоширати доимии корӣ бо ҳамаи ин сохторҳо, ниҳодҳои дахлдор, кормандони соҳаи иҷтимоӣ лозим аст. Ҳаракатнокӣ даромади аҳолиро беҳтар мекунад, сатҳи зиндагии аҳолиро баланд мебардорад, сатҳи шиддати иҷтимоиро коҳиш медиҳад ва аз ин рӯ, он бояд дар якҷоягӣ бо барномаҳои

таъмини шуғл ва бо дарназардошти ҳаракатнокии меҳнатӣ, бо барномаҳои ҳатмии гуногуншакли омодасозии кадрҳо баррасӣ карда шавад.

Рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъи устувори иҷтимоию сиёсии кишварро бидуни ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҳлили равандҳои ҷараёни муҳоҷират нишон дод, ки Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки захираҳои барзиёди меҳнатӣ дорад, аз лиҳози содироти қувваи корӣ ва бинобар ин, аз рӯйи нишондиҳандаи интиқоли маблағҳои пулӣ потенсиали бузург дорад.

Таҳлили равандҳои ҷараёни муҳоҷират нишон дод, ки Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки захираҳои барзиёди корӣ дорад, аз лиҳози содироти қувваи корӣ ва бинобар ин, аз рӯйи интиқоли маблағҳои пулӣ дорои имкониятҳои бузург аст.

Муаллиф интиқоли маблағҳои пулиро бо методи хатӣ ва ақибнигарӣ пешгӯӣ карда, дар асоси методи регрессивӣ ин муодиларо тартиб додааст:

$$Rem = a + b * Rem_{t-1} \qquad (1)$$

Дар ин ҷо, a, b зарибҳо ё ченакҳои муодила мебошанд;

$Rem_{t-1}$ - интиқоли маблағҳои пулии соли гузашта

$Rem$ - интиқоли маблағҳои пулӣ;

$$Rem = 454.500 + 0{,}801 * Rem_{t-1}$$

Дар асоси маълумоти ҳисобшаванда, диаграммаи зерин тартиб дода шуда ва ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлати 2020-2025 пешбинӣ шуда аст.

Диаграмма нишон медиҳад, ки маълумоти ҳисобшаванда бо маълумоти воқеӣ каме тафовут дорад. Диаграмма нишон медиҳад, ки ҳаҷми интиқоли маблағ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун ва таъсири омилҳои мухталифе, ки дар солҳои охир дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, ҳамеша тағйир меёбад. Маълумотҳои воқеии диаграмма нишон медиҳад, ки барои солҳои 2020-2025 ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ҳар сол меафзояд ва 1,4 фоизро ташкил медиҳад.

Бо ин метод барои пешгӯии интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирон то соли 2023 истифода шудааст. Нишондиҳандаҳо ҳангоми пайдо шудани омилҳои нав метавонанд тағйир ёбанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавре ки қайд карда шуд, се қисми бозори меҳнат мавҷуд аст: қисмати аввал - шуғли расмӣ; дуюм – шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт; қисмати сеюм - муҳоҷирати меҳнатӣ (асосан, ғайрирасмӣ ва беназорат), ё ба истилоҳ шуғли аҳолӣ дар шароити ҳаракатнокӣ мебошад.




Диаграммаи 1. Пешгӯии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025. (миллиард доллари ИМА) *

**Манбаъ: ҳисобҳо аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудаанд.*

Муаллиф қайд мекунад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амсилаҳои интегралиро ироа мекунад, ки дар омӯзиши ҳаракатнокии меҳнат муҳиманд. Ҳар се амсилаи дар боло зикршуда таҷрибаи сиёсати ҳамгироии аврупоиро дар робита ба ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ инъикос мекунанд. Ба андешаи мо, барои сохтани амсилаи муносиб дар шароити Тоҷикистон зарур аст, ки чунин омилҳо ба мисли танзими равандҳои муҳоҷират аз ҷониби давлат ва ҷомеа дар ҳама ҷиҳатҳо (фарҳангию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, таҳсилотӣ) ба назар гирифта шаванд.

Ҳалли чунин равиш имкон медод, ки захираҳои меҳнатӣ озодона ҷобаҷо шаванд ва бо ҳамин худиштиғол мавриди танзим қарор дода шавад. Дар он минтақаҳое, ки ҷараёнҳои муҳоҷират ташаккул меёбанд, ки дар он ҷо ҳуқуқҳои ибтидоии иҷтимоӣ аввалиндараҷа мебошанд ва проблемаҳои шуғл афзалият доранд, сиёсати тафовутҳои фарҳангӣ ва миллӣ вуҷуд надорад. Кӯшиши омӯзиши масъалаи ҳаракатнокӣ имкон медиҳад, ки дар бораи самараҳои мушаххаси муҳоҷират дар минтақаҳои гуногун қазоват карда шавад ва дар он ҷо ҷараёни муҳоҷират ба мисли ҳамгироӣ муҳим аст.

## ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун воситаи механизми бозорӣ ба афзоиши тақсимоти босамари коргарон дар бахшҳо, соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва корхонаҳо мусоидат мекунад. Он дар қобилияти баланди корӣ, омодагии психологӣ ба тағйирот, маҳорати мутобиқшавӣ ба ҳама гуна шароити ҳаётгузаронӣ зоҳир мешавад. Ҳаракатнокӣ ҳамчун ифодаи фаъолияти меҳнатӣ қодир аст, ҳамгиро ва ба шароити нав мутобиқ шавад. Қувваи корӣ, ки худро ҳамчун мол мефурӯшад, дар ниҳояти кор, омода аст, ба маъвои маъмулии худ, барои риояи анъана ва урфу одатҳои миллии дар тӯли солҳо одатшудаи худ баргардад [1-М; 8-М].

2. Ҳаракатнокии аҳолӣ ин воситаи механизми бозор аст ва он ҳар қадар мукаммал бошад, шохиси он дар назар дошта мешавад (яъне таносуби дараҷаи ҷобаҷошавии захираҳои меҳнатӣ ба дараҷаи омодагии аҳолии қобили меҳнат), ҳамон қадар муҳоҷирати меҳнатии муташаккил баландтар аст. Тафовут дар байни муҳоҷирати байналмилалӣ ва ҳаракатнокӣ дар он аст, ки муҳоҷирати кории байналмилалӣ ин ҳаракати стихиявии одамон аз тариқи сарҳадҳои баъзе ҳудудҳо бо тағйири ҷойи истиқомати доимӣ ҳам бо сабабҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ ва ҳам барои ҷустуҷӯи ҷойи кор ва ҳаракатнокии меҳнатӣ раванди ахлоқӣ ва психологӣ, омодасозии муташаккилонаи тахассусии афроди меҳнатӣ ба ҷобаҷошавӣ, дар асоси дастгирии муташаккилонаи давлатӣ ба соҳаҳои бештар пешрафтаи истеҳсолот мебошад [10-М; 11-М].

3. Дар диссертатсия ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун шуғли худтанзимкунанда тавсиф карда мешаванд, қувваи кории пурра истифоданашаванда бошад, ҳаракатнокии захираҳои меҳнатиро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ афзоиш медиҳад, ин воқеияте мебошад, ки вазифаи танзими бозори меҳнатро ҳамчун субъект ва объекти иқтисодиёт иҷро мекунад. Сабаби ноустувории бозори меҳнати муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини нокифояи ҷойҳои корӣ, омодагии нокифояи касбӣ ва таҳсилотӣ ва рушди сармояи инсонӣ барои ба вуҷуд овардани рақобат дар бозори меҳнат нуҳуфта аст. Аз ин рӯ, зарурат ба ислоҳоти ниҳодӣ бармеояд [1-М; 2-М].

4. Бозори меҳнат ба тағйироти таҳаввулотӣ дучор мешавад, яъне дар асоси ислоҳоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф меёбад, ки бо зарурати воқеии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Зеҳнияти аҳолӣ, тадриҷан ба манфиати моликияти хусусӣ тағйир меёбад, бо муносибатҳои бозорӣ мутобиқ мешавад, яъне захираи меҳнатӣ барои ба даст овардани даромад роҳҳои оқилонатарро меҷӯяд [11-М; 13-М].

5. Дар шароити ҳаракатнокии стихиявии кормандон, асосан, дар корҳои ғайритахассусӣ кор мекунанд ва ин боиси талафоти иқтисодӣ мегардад. Аз ин рӯ, бозори бонизоми меҳнат барои он муҳим аст, ки дар он ҷо омӯзиш ва бозомӯзии доимии кадрҳо сурат мегирад. Дар Тоҷикистон қувваи кории ғайритахассусӣ бештар ҳаракатнок ва ба шароити нав мутобиқ шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки қувваи корӣ, ки ба бозори меҳнати Россия мутамарказ шудааст, ба таҳсилот ва омодагии касбӣ ниёз дорад [2-М; 9-М].

6. Даврабандии ҳаракатнокии бозори меҳнат имкон дод, ки ҷанбаи таърихӣ, доимӣ, ногузирӣ ва бонизоми он, ки ба рушди иқтисодиёт ва болоравии иқтисодӣ таъсир мерасонад, муайян карда шаванд. Дар Тоҷикистон механизмҳои бозори меҳнат бо талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ ҳам дар бозори меҳнати маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ; таъмини рақобати байни иштирокдорони бозори меҳнат дар асоси талабот ба захираҳои меҳнатии соҳаҳои иқтисодиёт ҳам дар кишвари худ ва ҳам ба мутахассисон барои кишварҳои хориҷӣ; мусоидати давлат дар танзими муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, тавассути ташкили омӯзиш ва омодасозии кадрҳои баландихтисос барои шуғли аз ҷиҳати иқтисодӣ босамари аҳолӣ тавсиф мешаванд [8-М; 9-М; 10-М].

7. Ба амалкарди бозори меҳнат мавҷудияти захираи қувваи корӣ, яъне он қисми захираҳои меҳнатӣ, ки бо сабабҳои гуногун муваққатан дар раванди хариду фурӯши қувваи корӣ иштирок намекунад, таъсиррасон аст. Захираҳои қувваи корӣ, дар маҷмӯъ, дар Тоҷикистон бо сабаби нокифоя истифода бурдан аз ҳисоби захираҳои меҳнатии дар иқтисодиёт бо сабаби набудани харидорони қувваи кории пурра истифоданашаванда, ташаккул мeёбанд. Дар баробари ин, ба онҳо аз ҳисоби давлат кумакпулии ночизе дода мешавад [3-М; 5-М; 7-М.

8. Дар асоси таҳқиқоти илмию методологӣ дар соҳаи рушди бозори меҳнат ва робитаи он бо ҳаракатнокии қувваи корӣ мо мафҳуми категориалии бозори меҳнат ва ҳаракатнокии аҳолии кишварро муайян кардем. Категорияи муносибатҳои меҳнатӣ бо бастани шартномаи меҳнатӣ дар байни корфармо ва корманд, ҳавасмандӣ ва манфиатҳо барои зоҳир шудан тавассути ташкили такмили ихтисос, табодули таҷриба бо дигар ташкилотҳо бо дастгирии фаъоли давлат ташаккул меёбад. Таваҷҷуҳ ба ҳавасмандкунӣ, ҳангоми ҷалби коргарони зарурӣ тавассути ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии меҳнати онҳо равона карда шудааст. Бунёди муносибатҳои меҳнатӣ нисбат ба хариди қувваи кории арзон хеле самараноктар аст. Чунин раванд омодагии муайяни корфармоеро талаб мекунад, ки қодир ба идора ва танзими захираҳои инсонист ва муҳимтар аз ҳама, хароҷоти моддиро барои омодасозии кадрҳо талаб намекунад. [4-М; 6-М; 11-М]

### ***Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

1. Равандиислоҳоти бозори меҳнат дар Тоҷикистон бетағйир боқӣ мемонад, зеро раванди бунёдшавӣ ва ташаккули иқтисодиёти бозорӣ ҳанӯз идома дорад. Масъалаи давомнокии ташаккул аз он вобаста аст, ки заминаҳо то чӣ андоза асосноканд - санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ, қабули барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва шаклҳои дигари асосҳои бозор асоснок мебошанд. Сармоягузорҳо ба сармояи инсонӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин суръатбахшии гузариш ба рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти кишвар, коркарди сиёсати нави аз ҷиҳати стратегӣ ислоҳшудаи барномаи миллии танзими муносибатҳои меҳнатӣ аз нуқтаи назари коҳиш додани камбизоатӣ ва бекорӣ, ҳалли масъалаҳои омӯзиш, бозомӯзии кадрҳо, инчунин афзоиши даромади оила ва умуман давлат имкони

муносибсозии равишҳои нав ва механизмҳои танзими потенсиали меҳнатиро дар дурнамои тӯлонӣ имконпазир менамояд [11-М; 13-М; 17-М].

2. Ҷобаҷошавии неруи корӣ қисми ҷудонопазири иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Захираҳои меҳнатӣ яке аз шаклҳои асосии сарвати миллии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба туфайли истифодаи самараноки онҳо ба рушди сифатӣ ва миқдории иқтисодиёт, дар асоси танзими механизми бозори меҳнат имконпазир аст. Муҳимтарин ҷузъи бозори меҳнат механизми амалкарди он мебошад. Бар асоси вижагиҳои бозори меҳнати Тоҷикистон, барои такмили механизми бозори меҳнат таҳқиқоти минбаъда лозим аст. Таҳияи сиёсати нави стратегии санҷидашудаи Барномаи миллии танзими муносибатҳои меҳнатии қувваи корӣ равишҳо ва механизмҳои нави танзими потенсиали меҳнатиро барои муҳлати тӯлонӣ муносиб месозад, камбизоатӣ ва бекориро коҳиш медиҳад, масъалаҳои омӯзиш, бозомӯзӣ, ҳамчунин афзоиши даромади оила ва умуман давлатро фароҳам менамояд [12-М; 16-М; 18-М].

3. Бо мақсади такмил додани механизмҳои бозори меҳнат ва воситаи асосии он – ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ, ба назари мо: бунёди инфрасохтор ва муносибатҳои байнидавлатӣ, ки танзими макроиқтисодӣ ва микроиктисодиро фаро мегиранд; ташкили фаъолияти сохторҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар бахши ба кор бо кадрҳо; танзими давлатии низоми мақомот ва хадамоти таъминкунандаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои паймонкорони бозори меҳнат;. таъмини ҷойҳои корӣ аз ҳисоби ташкили биржаҳои давлатии меҳнат ҳамчун қисми таркибии бозори меҳнат аз шумораи ҷойҳои холӣ, ҳам дар соҳаҳои амалкунанда ва ҳам нав ба кор андохташудаи меҳнатталаб.

4. Дар диссертатсия ҳамчунин тавсияҳо оид ба таъмни масъулияти хадамоти кадрии муассисаҳои давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ворид кардани мусоидат дар таъмини шуғли аҳолии қобили меҳнат, манзур намудани пешниҳодҳо оид ба навсозии заминаи меъёрии ҳуқуқии таъминкунандаии ҳамкории самарабахши муассисаҳои таҳсилотӣ ва истеҳсолот оид ба таъмини ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагон; такмил додани механизми меҳнат дар Тоҷикистон аз ҳисоби танзими вазифаҳои асосии инфрасохтори он: талабот ба бекорон; муносибсозии муносибатҳои миёни корфармоён (дохилӣ ва берунӣ) ва кормандон, ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, танзими низоъҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар асоси шартномаҳои коллективӣ; ҷорӣ намудани феҳристи ягонаи касоне, ки аз рӯйи касбҳо ва тахассусҳо кор мекунанд, баҳисобгирии ҳаракатнокии захираҳои меҳнатии дохилӣ ва махсусан, пешниҳод шудаанд.

**ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОЕ, КИ ДАР МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ ИНТИШОР ШУДААНД:**

**А) интишорот дар нашрияҳое, ки ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда дохил карда шудаанд:**

[1-А]. Гадоев А.Дж. Тенденции развития трудовой миграции и мобильности трудовых ресурсов Республики Таджикистан в условиях Covid-19: основные проблемы и пути решения // Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан// «Экономика Таджикистана» *(научный журнал)* /1.2022/ ISSN 2310 – 3957. - С. 125-134. (0,56 п.л.)

[2-А]. Гадоев А.Дж. Современные состояние и влияющие факторы на процесс миграции и мобильности трудовых ресурсов Республики Таджикистан // Вестник Технологического университета Таджикистана. №4(47) 2021. Душанбе 2021.-С. 177-185. (0,56 п.л.).

[3-А]. Гадоев А.Дж. Влияние денежных переводов трудовых мигрантов на развитие национальной экономики Республики Таджикистан // Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. «Таджикистан и современный мир», №4 (72). 2020. *(научный журнал)* ISSN 2075-9584. - С. 222-234. (0,75 п.л.).

[4-А]. Гадоев А.Дж. Теоретические особенности рынка труда и трудовых отношений Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального Университета *(научный журнал).* Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. №7 ISSN 2413-5151. - С. 56-64. (0,56 п.л.).

[5-А]. Гадоев А.Дж. Особенности экономического развития регионов Таджикистана в аспекте миграционных процессов и денежных переводов // Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан// «Экономика Таджикистана» *(научный журнал)* /4.2017/ ISSN 2310 – 3957. - С. 167-173. (0,44 п.л.).

[6-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Методологические аспекты изучения региональной экономики: анализ зарубежной литературы // Вестник Таджикского национального Университета *(научный журнал).* Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. №2/4, Часть 1., ISSN 2413 – 5151. - С. 179-184. (0,38 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,19 п.л.).

[7-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Влияние развитие региональной экономики на динамику трудовой миграции Республики Таджикистан // Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. «Таджикистан и современный мир», №6. 2016г. (научный журнал) ISSN 2075-9584. - С. 334-343. (0,63 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,32 п.л.).

**Б) интишорот дар дигар нашрияҳои илмӣ:**

[8-А]. Гадоев А.Дж. Мобильность рабочей силы как основной механизм развития рынка труда // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вопросы эффективного обеспечения взаимосвязи науки и производство», ТУТ (20-21 ноября 2020г) Часть 2. - С. 23-30. (0,5 п.л.).

[9-А]. Гадоев А.Дж. Социально-экономические влияния трудовой мобильность и денежные переводы на рынке труда Республики Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан» / Институт туризма, предпринимательства и сервиса Республики Таджикистан – 31 октября 2020г. - С. 263-270. (0,5 п.л.).

[10-А]. Гадоев А.Дж. Трудовая мобильность, как фактор формирования предложения на рынке труда Республики Таджикистана // Международная заочная научно-практическая конференция на тему «Инвестиционная безопасность: гарантия развития бизнеса в регионах Республики Таджикистан», Центр стратегических исследование при Президенте Республики Таджикистан, 20 ноября 2020г. - С. 96-107. (0,75 п.л.).

[11-А]. Гадоев А.Дж. Структурные изменения рынка труда в условиях мобильности трудовых ресурсов (мобильности в Республики Таджикистан) // Вестник Технологического университета Таджикистана. №1(40) 2020. Душанбе 2020. - С. 88-100. (0,8 п.л.).

[12-А]. Гадоев А.Дж. Международная миграция РТ и его влияние на макроэкономическое изменение в условиях кризиса // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Обеспечение импортозамещающей отечественной продукции в условиях устойчивого развития Республики Таджикистан в сотрудничестве со странами Средней Азии», ТУТ (29-30 ноября 2019 года) Часть 2. - С. 29-35. (0,44 п.л.).

[13-А]. Гадоев А.Дж. Рынок труда: содержание и формы проявления рынка труда в современных условиях // Вестник Технологического университета Таджикистана. №4(36) 2019. - С. 99-106. (0,5 п.л.).

[14-А]. Гадоев А.Дж. Влияние трудовой миграции на социально-экономические положение регионов Республики Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Наука и техники для устойчивого развития», ТУТ (28 апреля 2018г) Часть 2. С. 31-37. (0,44 п.л.).

[15-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р., Сафаров М. Денежные переводы трудовых мигрантов Республики Таджикистан в свете социологических исследований // Материалы научно-практической республиканской конференции на тему «Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан» /НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, – 22 июня 2018г. - С. 189-196. (0,5 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,16 п.л.).

[16-А]. Гадоев А.Дж. Теоретический подход к проблеме изучения возращения мигрантов, ее причины и следствия // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вклад молодых учёных в инновационное развитие Республики Таджикистан» (28-29 – апреля 2017)., /Технологический университет Таджикистана /Душанбе «Бахманруд» 2017. - С. 98-107. (0,63 п.л.).

[17-А]. Гадоев А.Дж. Влияние финансового кризиса и миграционные процессы Республики Таджикистан // Материалы научно-практической

республиканской конференции, посвящённой году молодёжи (12 декабря 2017г.) НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, Душанбе «Ирфон», 2017. - С. 99-103. (0,3 п.л.).

[18-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Теоретические аспекты регионального анализа в аспекте влияние денежных переводов на уровне жизни населения в условиях финансового кризиса в Республики Таджикистан // Материалы научно-практической республиканской конференции, посвящённой году молодёжи (12 декабря 2017г.) НИИ «Финансы» при Финансово-экономическом институте Таджикистан, Душанбе «Ирфон», 2017 - С. 36-44. (0,56 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,28 п.л.).

[19-А]. Гадоев А.Дж., Кошонова М.Р. Проблемы возвращения мигрантов в Республике Таджикистан: теоретический аспект // Материалы республиканской научно-практической конференции «Социально-трудовые проблемы воспроизводство человеческого капитала в национальной экономической системе Таджикистана в период независимости» (28-29 октября 2016г.) ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения, Душанбе – 2016г. - С.78-89. (0,75 п.л.). (в соавторстве, автором - 0,37 п.л.).

# АННОТАЦИЯ

**на диссертационную работу Гадоева Амиршо Джурахоновича на тему: «Формирование и развитие механизма рынка труда в условиях мобильности трудовых ресурсов (на материалах Республики Таджикистан)**

***Ключевые слова:*** *рынок труда, занятость, мобильность рабочей силы миграционные процессы, возвращение трудовых мигрантов, механизмы совершенствование рынка труда в условиях мобильности рабочей силы.*

Цель диссертационной работы состоит в разработке научно-обоснованных, теоретико-методологических и практических предложений и рекомендаций по совершенствованию механизма рынка труда и мобильности трудовых ресурсов, в условиях рыночной экономики Республики Таджикистан

Теоретическую и методологическую основу диссертационного исследования составляет фундаментальные исследования, проведенные отечественными и зарубежными учеными-экономистами, результаты научных исследований в области рынка труда, занятости населения, мобильности трудовых ресурсов в условиях миграции и их возвращение

В диссертационной работе нашли свое применение общенаучные методы анализа экономических систем: методы анализа и синтеза (системный, экономико-статистический, структурный и логический), сравнительный метод анкетирования (опрос). При решении прикладных задач исследования использованы экономико-математические методы, а также методы корреляционно-регрессионного анализа.

Исследование проблем рынка труда, является необходимостью в условиях рыночных отношений, а макроэкономическая стабильность считается одним из основных показателей, влияющая на благосостояние населения. Усилившая, за последние годы мобильность трудовых ресурсов даёт основание к новому подходу решение вопросов формирования рынка труда и трудовых отношений не только в Республике Таджикистан, но и в других странах мира, что придаёт выбранной теме значимость. Рынок труда отражает совокупное отношение участия населения в трудовой деятельности, и, с этой точки зрения, занятость выступает, как важнейшая характеристика рынка труда и поэтому необходимо регулирование этого процесса со стороны государства. Недоиспользованная рабочая сила, характеризирующий рынок труда Таджикистана особо нуждается в регулирование мобильности трудовых ресурсов, которая может быть основным вопросом в решение проблем устойчивого развития рынка труда и экономического развития. Все это требует совершенствования механизма регулирование мобильности рабочей силы в условиях миграции и их возвращение

Выводы и предложения заключаются в том, что результаты могут быть использованы в качестве практических рекомендаций при совершенствовании организационно-экономического механизма регулирование рынка труда в условиях мобильности рабочей силы, а также при оптимизации стратегии развития програмы рынка труда в республике.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Гадоев Амиршо Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**

***Вожаҳои калидӣ***: *бозори меҳнат, шуғл, ҳаракатнокии қувваи корӣ, равандҳои муҳоҷират, баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ, механизми такмили бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии қувваи корӣ.*

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард ве таҳия намудани пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ ва назариявию методологӣ асоснок ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми бозори меҳнат ва ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии бунёдии олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ натиҷаҳои пажӯҳишҳои илмӣ оид ба бозори меҳна,тшуғли аҳолӣ, муҳоҷират, ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ, такмили механизми давлатии танзими шуғли аҳолӣ, ташаккули бозори меҳнатӣ дар шароити муҳоҷират ва баргаштани муҳоҷирон ташкил мекунанд.

Дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои умумиилмӣ, таҳлили низомҳои иқтисодӣ, методҳои таҳлил ва синтез (системавӣ, иқтисодию оморӣ, сохторӣ ва мантиқӣ) методи муқоиса, пурсишҳо истифода шуданд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои амалии таҳқиқот методҳои иқтисодию математикӣ, инчунин методҳои таҳлили коррелятсионию регрессионӣ ба кор бурда шуданд.

Пажӯҳиши проблемаҳои бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои бозорӣ амри зарурист, суботи макроиқтисодӣ бошад, яке аз нишондиҳандаҳои асосие мебошад, ки ба некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонад. Пурзӯршавии ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ дар солҳои охир барои равиши нави ҳалли масъалаҳои ташаккули бозори меҳнат, на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои дигар ҳам асос мегардад, ки он аҳамияти мавзӯи интихобгариидидаро таъкид менамояд. Бозори меҳнат муносибати маҷмӯии иштироки аҳолиро дар фаъолияти меҳнатӣ инъикос мекунад ва аз ин дидгоҳ шуғл ҳамчун муҳимтарин ҷанбаи бозори меҳнат баромад мекунад, бинобар ин танзими раванди мазкур аз тарафи давлат иқдоми муҳим мебошад. Қувваи кории пурра истифоданашаванда, ки тавсифкунандаи бозори меҳнати Тоҷикистон аст, ба танзими ҳаракатнокии захираҳои меҳнатӣ, махсусан, ниёз дорад. Он метавонад масъалаи асосӣ дар ҳалли мушкилоти рушди устувори бозори меҳнат ва инкишофи иқтисодӣ бошад. Ин ҳама такмили механизми танзими ҳаракатнокии қувваи кориро дар шароити муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатӣ ва баргаштани онҳо тақозо мекунад.

Хулосаҳо ва пешниҳодот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ба сифати тавсияҳои амалӣ ҳангоми такмил додани механизми ташкилию иқтисодии танзими бозори меҳнат дар шароити ҳаракатнокии қувваи корӣ, инчунин дар ҷараёни муносибсозии стратегияи рушди барномаи бозори меҳнат дар кишвар метавон истифода намуд.

## ANNOTATION

**on the abstract of the dissertation work of Gadoev Amirsho Jurakhonovich on the topic: “Formation and development of the labor market mechanism in the conditions of labor mobility (on the materials of the Republic of Tajikistan)**

***Keywords:*** *labor market, employment, labor mobility migration issues processes, return of labor migrants, mechanisms improving the labor market in the conditions of mobility.*

The purpose of the dissertation work is to develop scientifically based, theoretical, methodological and practical proposals and recommendations for improving the mechanism of the labor market and labor mobility in the conditions of the market economy of the Republic of Tajikistan.

The theoretical and methodological basis of the dissertation research compiles fundamental research conducted by domestic and foreign scientists-economists, the result of scientific research in the field of labor market, employment, labor mobility in the conditions of migrations and their returns.

General scientific methods of analysis of economic systems have found their application in the dissertation work: methods of analysis and synthesis (sustem, economic-statistical, structural and logical), the comparative method of questioning (survey). When solving applied research problems, economic and mathematical methods, as well as methods of correlation and regression analysis, were used.

The study of labor market problems is a necessity in the conditions of market relations, and macroeconomic stability is considered one of the main indicators affecting the well-being of the population. The increased mobility of labor resources in recent years gives rise to a new approach to solving the issues of the formation of the labor market and labor relation not only in the Republic of Tajikistan, but also in other countries of the world, which gives the chosen topic significance. The labor market reflects the aggregate ratio of the population’s participation in labor activity, and, from this point of view employment acts as the most important characteristic of the labor market and therefore it is necessary to regulate this process by the state. The affective functioning of the labor market involves the creation of socio-economic conditions, from the point of view of scientifically based legal conditions for the function of the market, which increases the possibility of spatial movement of labor resources in search of better working conditions and the desire to improve the standart of living.

The labor market of Tajikistan is particulary characterized by the regulation of labor mobility, which can be the main issue in solving the problems of sustainable development of the labor market and economic development. All this requires improving the mechanism for regulating the mobility of labor in the conditions of migration and their return

Conclusions and suggestions are that the result can be used as practical recommendations for improving the organization and economic mechanism of labor market regulation in the condition of labor mobility as well as for optimizing the development strategy of the program the labor market in the republic.

Ба чопаш 05.07.2022 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Қоғази офсетӣ.
Адади нашр 100 нусха. 3,0  ҷузъи чопӣ.

734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
Матбааи «Тоҷир»